آوازتاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

26 феврали соли 2025
Чоршанбе
№ 17 (15132)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## НАҚШАҲО ОИД БА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ СИРДАРЁ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 25 феврал дар бобати муҳокимаи нақшаҳои рушди иқтисодиёт, афзудани ҷойҳои кор ва ҷалби сармоя дар вилояти Сирдарё дар соли 2025 ҷамъомад баргузор намуд.***

Дар солҳои охир дар минтақа, дар як қатор соҳаҳо, мисли энергетика, сохтмон ва соҳибкорӣ як андоза пешравӣ ба мушоҳида мерасад. Бинобар ҷамъбасти сафари соли гузаштаи роҳбари давлат ба ноҳияи Сайҳунобод модели нави дастгирии хоҷагиҳои наздиҳавлӣ ва лоиҳаҳои тиҷорати хурд татбиқ гардида буданд.

Аммо бинобар нокифоя будани ташаббускории роҳбарон тараққиёти саноат, савдо ва соҳаи хидматрасонӣ суст аст. Аз он ҷумла, саҳми сектори хидматрасонӣ дар иқтисодиёти вилояти Сирдарё дар мамлакат аз ҳама пасттарин боқӣ мемонад. Сатҳи камбизоатӣ аз 11 фоиз зиёд, миқдори бекорон бошад, ба 22 ҳазор нафар мерасад.

Ҳоло шароити иқтисодиёти ҷаҳон зуд тағйир меёбад. Дар чунин вазъият бартарияти рақобатро минтақаҳое соҳиб мегарданд, ки тамоилро фаъолона меомўзанд, имконоти навро меҷўянд ва захираҳои дохилиро босамар истифода мекунанд.

Бо ин мақсад пешниҳодот дар бобати афзудани ҳаҷми сармоя ва беҳсозии фазои тиҷорат дар вилояти Сирдарё, коҳиш додани дараҷаи қашшоқӣ ва ҳамчунин босамар истифода намудани зарфияти транзити минтақа таҳия гаштааст.

Аз он ҷумла ташкил намудани минтақаҳои саноатӣ дар майдони умумии қариб 900 гектар ба нақша гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки 5 миллиард доллар сармоя ҷалб гардад ва беш аз 20 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шавад. Лоиҳаҳо дар Сирдарё, Ширин, Боявут, Хавос, Мирзообод, Гулистон, Оқолтин ва Сардоба ҷойгир карда мешаванд.

Аз нигоҳи географӣ вилоят дар қисми марказии Ўзбекистон ҷой гирифтааст, дар ин ҷо шоҳроҳҳои байналхалқӣ баҳам меоянд, ки бо онҳо шабонарўзӣ 311 ҳазор воситаи нақлиёт убур мекунанд. Соҳибкорон омодаанд, ки дар шафати ин роҳҳо садҳо нуқтаи савдо ва хидматрасонӣ кушоянд.

Умуман ба вуҷуд овардани 500 ҳазор метри мураббаъ майдонҳои савдову хидматрасонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки бо кор банд намудани 50 ҳазор нафарро таъмин менамоянд.

Ба туфайли шароити муносиби хоку иқлим минтақа дорои потенсиали баланд барои парвариши пахта, биринҷ, меваву сабзавот мебошад. Бинобар ин, майдонҳои кишти картошка, пиёз, ежевика, смородина ва гелос васеъ карда мешаванд. Қитъаҳои наздиҳавлӣ, хошияи майдонҳо ва қитъаҳои шафати каналҳо, дар умум 38 ҳазор гектар майдон ба корхонаҳои азнавкоркард ва содиркунандагон вобаста карда мешаванд.

Ғайр аз ин, дар ҳашт ноҳияи вилоят барои кишти биринҷ гузарондани 25 ҳазор гектар замини камдаромад  ба нақша гирифта шудааст. Барои дастгирии хоҷагиҳои биринҷпарварӣ ба онҳо содир намудани 50 фоизи ҳосил  иҷозат дода мешавад.

Дар вилоят беш аз ҳазор иморат вуҷуд дорад, ки бештар аз 50 сол пеш сохта шудаанд. Дар доираи барномаи реноватсия дар ҷойи онҳо бунёди маҷмааҳои замонавии иқоматӣ бо ғунҷоиши умумии 15 ҳазор квартира ба нақша гирифта шудааст. Ҳамзамон таҷрибаи намунавии шаҳри Марғилон ва ноҳияи Дўстлик омўхта мешаванд.

Барои дастрасӣ ба истиқоматгоҳҳои нав ба девелоперҳо имтиёзҳои андоз ва гумрук вогузошта мешавад. Ғайр аз ин, барои такмили роҳҳо, шабакаҳои электрӣ, фонди иқомат, инфрасохтори ирригатсионӣ, бозсозии кўдакистон, мактаб ва дигар объектҳои иҷтимоии вилоят 100 миллион доллар равона карда мешавад.

Супориш дода шуд, ки маблағи ногузир ҷудо гардида, то 1 июли соли ҷорӣ кор бобати таъмини беталаққуфи шаҳри Гулистон бо оби ошомиданӣ ба охир расонда шавад. Пешниҳодот бобати васеъ намудани ҳудуди шаҳрҳои Гулистон ва Ширин барои тезондани ҷараёни урбанизатсия тасдиқ карда шуд.

Дар маҷмўъ, ба шарофати имконоти баррасигардида дар соли ҷорӣ ҷалб намудани 2 миллиард доллар сармоя, то 500 миллион доллар расондани ҳаҷми содирот ба нақша гирифта шудааст. Интизор меравад, ки дар натиҷа беш аз 16 ҳазор ҷойи нави кор фароҳам оварда шуда, сатҳи камбизоатӣ то 7,4 фоиз кам гардад.

**ЎзА.**

***Бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Шаҳбоз Шариф 25 феврал бо сафари расмӣ ба кишвари мо омад.***

## САРВАЗИРИ ПОКИСТОН БА ЎЗБЕКИСТОН ОМАД

Ўзбекистон ва Покистонро риштаҳои қавии таърихӣ ба ҳам мепайванданд, ки ба ҳамкории устувор ва боэътимод дар даврони муосир мусоидат мекунанд.

Ин робитаҳо бо анъанаҳои муштараки фарҳангии Роҳи Бузурги Абрешим боз ҳам таҳким меёбанд. Покистон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти кишвари моро эътироф кард. Ҳамкории ду давлат, ки бар асоси манфиатҳои муштарак бунёд ёфтааст, сол ба сол рушд меёбад.

Дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Тошканд меҳмони олиқадрро Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон Абдулла Арипов ва шахсони дигари расмӣ пешвоз гирифтанд. Ба ифтихори меҳмони олиқадр парчамҳои давлатии ҳар ду кишвар барафрохта шуда, қаровули фахрӣ саф ороcт.

Сипас, ҳайати Покистон ба боғи «Ўзбекистони Нав» рафтанд.

Меҳмони баландпоя ба пояи ёдгории Истиқлолият гул гузошт.

Дар аснои шиносоии кўтоҳ бо маҷмаа ба аъзои ҳайати Покистон дар бораи образҳо ва рўйдодҳои таърихие, ки дар ёдгорӣ таҷассум ёфтаанд, маълумоти муфассал пешниҳод гардид.

Чорабиниҳои асосии сафари расмӣ 26 феврал баргузор мешаванд.

Дар рўзномаи музокироти сатҳи олӣ масъалаҳои рушди минбаъда ва густариши шарикии стратегии Ўзбекистон ва Покистон, ҳамкории гуногунҷанба муҳокима хоҳанд шуд.

Оид ба масъалаҳои муҳими байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат мегирад.

Дар натиҷаи ин ҳамоиш қабули Эъломияи муштарак ва як қатор ҳуҷҷатҳои дуҷониба ба нақша гирифта шудааст.

**ЎзА.**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРЎЗ ДАР СОЛИ 2025

Наврўзи олам, чун рўзи фархундае, ки Соли нави шарқӣ оғоз мешавад, тўли асрҳо ҳамчун рамзи баҳор, некўӣ, меҳру оқибат, меҳнат ва бунёдкорӣ дар ҳаёти иҷтимоию маънавии кишварамон ҷойгоҳи беҳамторо ишғол кардааст.

Ин айёми мунаввар ба ғояи наҷиби «Барои қадри инсон, барои бахти инсон», ки солҳои охир дар Ватани мо амалӣ мегардад, ҳамоҳанг шуда, ба маънои аслӣ  ба ҷашни умумихалқӣ табдил ёфт ва дар тамоми шаҳру деҳоти мамлакатамон васеъ таҷлил мегардад.

Инсонпарварие, ки дар рўҳу фалсафаи ин фасли бузург таҷассум ёфтааст, тамоюлҳои эҳтиром ба одамон ҳамчун гултоҷи олами ҳастӣ, ҳифзи модарзамину табиат дар ҳаёти имрўзаи мо равшантар зоҳир мешавад.

Маҳз ба туфайли чунин арзишҳои накў, дар мамлакати мо таъмини манфиатҳо ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, дастгирии табақаҳои ниёзманд, аз меҳру эътибор дар канор нагузоштани ҳеҷ як фарди ҷомеа, обод кардани шаҳру деҳот, истифодаи оқилона аз захираҳои замину об ва тамоми сарватҳои табиӣ ба вазифаи афзалиятнок табдил меёбанд.

Аз ин рў, шодиёнаҳои Наврўзи имсола, ки дар «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» таҷлил мешавад, рўҳу мазмуни тозае хоҳад гирифт.

Бо назардошти нақш ва аҳамияти беҳамтои Наврўзи олам, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф шудааст, дар таҳкими фазои осоишта, дўстиву ҳамҷиҳатӣ ва рўҳияи ваҳдат дар ҷомеаи сермиллати мо, инчунин, бо мақсади ба таври шоиста ва муносиби тавоноиву нуфузи имрўзаи Ўзбекистони Нав истиқбол намудани ин айём:

**1.** Ҷашни умумихалқии Наврўзи соли 2025 дар мамлакат таҳти ғояи асосии **«Арзишҳоят поянда бод, Наврўз!»** дар шакли сайрҳои умумихалқӣ дар сатҳи баланд гузаронида шавад.

**2.** Бо пешниҳоди Вазорати фарҳанг, Агентии кор бо ҷавонон, Маркази Маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ, Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ўзбекистон ва Бунёди «Нуроний» **Консепсияи ғоявӣ-бадеии ҷашни умумихалқии Наврўз дар соли 2025** (минбаъд – Консепсия) тибқи замимаи 1 тасдиқ карда шавад.

**3.** Ҳайати **Кумитаи тадорук** (минбаъд – Кумитаи тадорук) оид ба омодагӣ ва баргузории ҷашни умумихалқии Наврўзи соли 2025 мутобиқи замимаи 2 тасдиқ гардад.

Кумитаи тадорук (А.Н.Арипов) **дар муҳлати як ҳафта** дар асоси Консепсия **Барномаи** чорабиниҳои ташкилӣ-амалӣ, фарҳангӣ-маънавӣ ва тарғиботиро аз рўйи истиқболи муносиби ҷашни умумихалқии Наврўз дар шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва марказҳои вилоятҳо, дар тамоми шаҳру ноҳияҳо, деҳаву авулҳо таҳия ва тасдиқ намоянд, инчунин, татбиқи онро таъмин созанд.

**4.** Бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил намудани тамоми чорабиниҳои бахшида ба ҷашни умумихалқии Наврўз мутобиқи арзишу анъанаҳои миллӣ, мазмуну моҳияти ислоҳоти имрўза, самт ва тавсияҳои асосии Консепсия, инчунин таъмини иштироки фаъоли ҳамватанон дар он ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шавад:

баргузор намудани чорабиниҳои идона бо мазмуну шакли муассир, ки бедории олами ҳастӣ, ҳамоҳангии байни инсону табиат, меҳру таваҷҷуҳ ба модар-заминро ифода намуда, ҳамватанони моро ба қадрсозии зиндагии орому осудаи имрўза ва бо ҳисси шукрона зиндагӣ кардан водор намоянд;

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## КОРҲО ДАР СОҲАИ САНОАТИ АНГИШТСАНГ

***Таҳти ташаббуси Вазорати саноати кўҳиву конӣ ва геология ва Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбеккўмир» ба ҳавзаи ангиштсанги «Ангрен» барои кормандони расонаҳои хабарӣ медиа-тур ташкил карда шуд. Даставвал вохўрии журналистон бо роҳбарият ва ходимони масъули кони ангишти Ангрен баргузор гашт. Баъд журналистон бо ҷараёни кофта гирифтани ангиштсанг бевосита шинос шуданд. Бо коргарон-шахтёроне, ки он ҷо меҳнат мекунанд, ҳамсуҳбат гаштанд.***

Ҳаҷми кофта гирифтани ангиштсанг дар ҷумҳурӣ торафт меафзояд. Талаботи соҳаи иҷтимоӣ ва нуқтаҳои саноатӣ дар ин самт мавриди эътибор аст. Таҷрибаи пешқадами хориҷ омўхта ва амалӣ  мешавад. Агар дар соли 2024 ҷамъ 8,4 миллион тонна ангиштсанг кофта гирифта шуда бошад, дар соли равон ба 9 млн. тонна расондани «тиллои сиёҳ» дар назар аст.

Мутаносибан ба ҷараён, миқдори корхонаҳое, ки ба кофта гирифтани ангиштсанг махсусонида шудаанд, торафт меафзояд. 17 коне, ки наванд ва истиқболианд, ба соҳибкорон дода шуд. Соли 2023 онҳо зиёда аз 1,1 млн. тонна ангиштсанг (5,6 фоизи ҳаҷми умумӣ) кофта гирифтанд.

То соли 2023 маҳсулоти ангиштсанг фақат аз ҷониби ҷамъиятҳои «Ўзбеккўмир» ва «Шарғункўмир» кофта гирифта мешуд. Дар натиҷаи модернизатсияи ҶС «Шарғункўмир» ва пурра амалӣ гардонидани лоиҳаҳои сармоявӣ 900 ҳазор тонна ангиштсанги калорияаш баланд ба бозори дохилӣ фиристода шуд. Навъи ангиштсанги «Тошкўмир» асосан аз ҷониби ташкилотҳое, ки семент истеҳсол мекунанд, ба коркард фаро гирифта шуда, ба эҳтиёҷи аҳолӣ равон карда намешавад.

Ғайр аз ин, ба кони ангишти Нишбоши ҳавзаи Ангрен сармоя ҷалб карда мешаванд. Дар доираи лоиҳаи нав ангиштканӣ аз соли 2026 оғоз ёфта, аз соли 2028 ин кор пурра амалӣ мешавад. Дар ҷумҳурӣ барои офаридани бозори рақобати озод, қонеъ сохтани эҳтиёҷи аҳолии маҳаллӣ ба ангиштсанг чораҳо андешида мешаванд.

Дар ҶС «Ўзбеккўмир» ҷамъ 11 сохтори таркибӣ мавҷуд буда, аз онҳо сетояшон кони ангиштсанг, боқимонда корхонаҳои кумакрасонанд. Ҳоло дар ин ҷо зиёда аз 6 ҳазор нафар меҳнат мекунанд. Қисми асосии ангиштсанг дар конҳои «Ангрен» ва «Апартак» ба тарзи кушод кофта гирифта мешавад. Яке аз корхонаҳои калони истеҳсолӣ дар ҷумҳурӣ кони «Ангрен» ҳисоб ёфта, дар ин ҷо баробари сўзишвории вазнин каолини сурх ва нилобӣ, ҳамчунин оҳаксанг кофта гирифта мешавад.

Кон ҳанўз соли 1948 ба истифода супурда шуда буд. Дар давоми 77 соле, ки гузашт, бештар аз 2 млрд. кубометр корҳои кандабарорӣ амалӣ шуданд. Зиёда аз 200 млн. тонна ангиштсанг гирифта шуд. Дар давоми солҳои 1970-1980 дар корхона корҳои таҷҳизонидани техникӣ ба амал бароварда шуданд. Дар солҳои навадуми асри сипаришуда бошад, давраи навбатии навсозиҳои технологӣ бомуваффақият анҷом ёфт.

Дар кони ангишт аз роҳи оҳан, нақлиётҳои автомобиливу конвейерӣ истифода мешавад. Асосан «БелАЗ»-ҳо бор мекашонанд. Бо мақсади таъмини иҷрои қарори роҳбари давлат аз 7 марти соли 2019 «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии ҶС «Ўзбеккўмир», такмил додани сохтори кофтуковҳои конӣ, дастрас гардондани маҳсулоти сифатнок ба аҳолӣ ҷамъ 15 мошини боркашони  тамғаи «БелАЗ-75131» ба корхона оварда шуд.

Дар соли 2023 айни замон ҷамъ 44-то автосамосвали «Komatsu» дастрас гардид. Дар натиҷа ҳаҷми кушодани қисмҳои рўизаминии кон бо кумаки автонақлиёт ба дараҷаи ҳисшаванда боло рафт. Бинобар зиёд шудани талабот ба захираҳои энергетикӣ ҳаҷми корҳои кофта гирифтан ва дастрас гардондани сўзишворӣ афзуд. Ҷамъият дар соли 2020 3 миллиону 869 тонна ангишт кофта гирифта бошад, дар соли 2023 ин рақам ба 5 миллиону 836 ҳазор тонна расид. Дар соли 2024 истеҳсолот 6 миллиону 766 ҳазор тоннаро ташкил намуд. Маҳсулоти тайёр дар соли сипаришуда асосан ба ташкилотҳои буҷавӣ, нерўгоҳҳои барқии гармӣ ва аҳолӣ дастрас гардонида шуд. Айни замон 517 тонна маҳсулот тавассути савдои биржавӣ ба фурўш рафт.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Дар доираи симпозиуми байналмилалии «Алишер Навоӣ ва Эҳёи Шарқ» миёни Донишгоҳи байналмилалии ба номи Имом Ҳумайнӣ ва Донишгоҳи давлатии Навоӣ дар бораи дўстӣ ва рушди ҳамкорӣ меморандум имзо гардид.***

## МЕМОРАНДУМИ ДЎСТӢ ВА ҲАМКОРӢ ИМЗО ГАРДИД

Мувофиқи он байни донишгоҳҳо ташкил намудани конференсияҳои илмӣ-амалӣ, таҷрибаивазкунӣ ва татбиқи барномаҳои илмӣ-услубии замонавӣ, ҳамчунин таҷрибаомўзии профессор-омўзгорон ва донишҷўён дар донишгоҳҳо ба роҳ монда мешавад.

Донишгоҳи байналмилалии ба номи Имом Ҳумайнӣ соли 1984 ташкил ёфта, дар шаҳри Қазвини Эрон воқеъ мебошад. Донишгоҳ яке аз муассисаҳои бонуфузи Эрон буда, бо сифати баланди омодасозии мутахассисон дар соҳаҳои муҳандисӣ, фанҳои иҷтимоӣ ва табиӣ шуҳрат дорад. Дар донишгоҳ соҳоти тадқиқотҳои илмӣ хуб ривоҷ ёфта, муносибатҳои байналмилалии ҳамкории иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда шудааст.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

## САД ЧАШМА АЗ САРЧАШМА






Вақте ба деҳаи Ҳисорак расидед, роҳ ба ду ҳисса ҷудо шуда, як дасти он шуморо қадқади дарёчаи шўхоби Сафеддарё ба деҳаҳои Яккахона, Ғелон ва Кўл мебарад.

Оби Сафеддарё аз ду рўди хурўшон, ки аз самти деҳаҳои Кўл ва Ғелон меоянд, дар мазори Мунаввар ба ҳам васл ва бо шиддати бештаре ҷорӣ мегардад. Аммо дар Ҳисорак боз як рўди дигаре ба Сафеддарё мепайвандад, ки аз ҷониби Сарчашма ва Тамшуш сарозер меояд. Дар мавзеи васли ҳамин рўдҳо пуле насб шуда ва чун аз он гузаред, ободии бештаре ба чашм мерасад: бинои мағозаву ошхона, таълимгоҳ, ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳисорак» ҷойгир аст.

Ин ҷо азалан маркази маъмурии минтақаи кўҳистон будааст. Дар самти рости дарёи Тамшуш, дар баландиҳо деҳаи Ҳисорак ҷой гирифтааст, ки сокинонаш комилан тоҷиконанд. Ин ҷо дар соҳили дарё лўлаи оҳанини бузурге ба чашм меояд, ки аз баландиҳои дараи Тамшуш об гирифта, ба даштҳои фарохи пушти обанбори «Ҳисорак» мерасонад ва ба ободии он заминҳо мусоидат мекунад. Аз васат ҳамин роҳ ба ду шоха ҷудо шуда, яке ба самти дараи Тамшуш ва дигаре боз ҳам печидаву рў ба фароз оварда, аввал ба деҳаи Нондег ва баъд ба Сарчашмаи шукуфон мерасонад.

Назар ба нақлҳо, азбаски мардуми ин мавзеъ нони худро дар дегҳо (на дар танўр) мепухтаанд, деҳкада Нондег ном гирифтааст. Мардуми деҳкада мисоли нони шикаста дар ҳар ҷой умр ба сар мебаранд.

Солҳои 90-уми асри гузашта дар ин мавзеъ фоҷиае рух медиҳад. Замини деҳа (мардумонаш ўзбекзабон) лағжида, ба самти дарё ҳаракат мекунад. Зеро таги ин хоки тобасанг будааст ва аз намии зиёд кўчидаву беҷо шудааст. Он замон барои раҳоии ҷону моли мардуми Нондег аз Кўлу Ғелону Тамшушу Ҳисорак ва Сарчашма ҷавонон ба кумак расида, басе ҷонбозиҳо кардаанд. Ҳоло мардуми деҳа дар ҷойҳои амн зиндагӣ мекунанд ва аз Нондеги таърихӣ як ҳиссаи каме боқӣ мондааст. Ҳанўз осори он фоҷеаи табиӣ: таҳкурсии хонаҳо, нишони боғҳои замоне шукуфон ба чашм мерасанд.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

# ДАР БОРАИ ОМОДАГӢ ВА БАРГУЗОРИИ ҶАШНИ УМУМИХАЛҚИИ НАВРӮЗ ДАР СОЛИ 2025

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

инъикос намудани созгории ислоҳоти бунёдии демократии дар мамлакат татбиқшаванда, дигаргуниҳои мусбат, ки дар ҳаёти рӯзмарра, шуур ва ҷаҳонбинии мардуми мо ба амал меоянд, бо моҳияти башардӯстона ва фарогиранда, арзишу анъанаҳои абадии Наврӯз;

бо назардошти истиқболи ҷашни Наврӯз дар моҳи шарифи Рамазон, эъзози ҳамаҷонибаи авлоди пиронсол, бахусус, иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон ва собиқадорони фронти меҳнат, хабар гирифтан аз аҳволи истиқоматкунандагони хонаҳои «Меҳрибонлик», «Саховат» ва «Мурувват», инсонҳое, ки дар дафтарҳои ҳифзи иҷтимоӣ сабти ном шудаанд ва ба кумак ниёз доранд, барои онҳо оростани дастархони идона ва баргузории чорабиниҳои гуногуни хайр;

татбиқи чорабиниҳо, ки дар лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» муайян гардидаанд, дар арафаи ҷашн гузаронидани корҳои ободонӣ ва сабзазоргардонӣ, ҳашарҳои умумихалқӣ дар тамоми минтақаҳо, кӯча, маҳалла, ноҳия ва шаҳрҳо;

бо мақсади таҳкими муҳити дӯстӣ ва ҳамҷиҳатии байни миллатҳо, ки дар ҷомеаи мо пойдор аст, ба таври васеъ намоиш додани урфу одат, анъана ва арзишҳои миллии намояндагони миллату халқиятҳои гуногун;

дар идомаи чорабиниҳои идона гузаронидани намоишгоҳҳои ҳунармандӣ, мусобиқаҳо аз рӯйи намудҳои варзиши миллӣ, ташкили намоишгоҳҳои китоб, ярмаркаҳои маҳсулоти арзони кишоварзӣ ва хӯроквbooрӣ, дуконҳои сайёри савдо, омодасозии таомҳои баҳорӣ ва дар ин бора доир намудани савдои намоишӣ ва озмунҳо;

тарғиби васеи таърихи ҷашни Наврӯз, расму оинҳои хосаи ҳар як минтақа ҷиҳати гузаронидани он дар чорабиниҳои идона, ки дар тамоми шаҳру деҳот баргузор мешаванд, инчунин дар воситаҳои ахбори оммавӣ;

дар асоси барномаи алоҳида ташкили сайрҳои мардумӣ дар маҷмааи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Тошканд.

**5.** Вазорати фарҳанг (О.Назарбеков) якҷо бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ (О.Ҳасанов), Иттифоқи нависандагон (С.Саидов) **дар муҳлати як ҳафта** мувофиқи Консепсия барнома ва сенарияи намоишҳои асосии театрикунонидашудаи консертиро, ки дар шаҳри Тошканд ба муносибати ҷашни Наврӯз гузаронида мешаванд, таҳия намоянд;

**6.** Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд:

а) **дар муҳлати як ҳафта** бо назардошти нуктаҳои зерин барномаи чорабиниҳои минтақавиро аз рӯйи гузаронидани сайрҳои умумихалқии Наврӯз таҳия ва тасдиқ намоянд:

бо услуби миллӣ ороиши идонаи майдонҳои асосӣ, кӯча ва хиёбонҳо, ки сайрҳои умумихалқӣ ташкил мегарданд;

андешидани чораҳо ҷиҳати дар сатҳи баланди бадеӣ тайёр кардани сайр ва тамошоҳои мазкур якҷо бо сенариянависон ва режиссёрҳои пуртаҷрибаи маҳаллӣ, композиторону бастакорон, балетмейстерҳо, рассомони саҳна, иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод ва намояндагони санъати фолклор;

дар доираи чорабиниҳои идона гузаронидани бозиҳои мардумӣ, намоишнома ва намоишгоҳҳои хоси ҳар як минтақа ва ташкили ошхонаҳои кушоди фурӯши таомҳои баҳорӣ;

б) ҳангоми омода кардани барномаҳои идона ва тамошоҳои оммавӣ, оро додани кӯча, майдон ва хиёбонҳо гурӯҳҳои эҷодӣ иборат аз мутахассисони ботаҷриба ҷалб карда шаванд;

в) гузаронидани тамоми чорабиниҳо бо риояи қатъӣ ба талаботи бехатарии ҷамъиятӣ таъмин гардад.

**7.** Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти гузаронидани чорабиниҳои идона:

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳуриявӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд дар ҳиссаи баробар;

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби маблағи дахлдори буҷаҳои маҳаллӣ ва хайрияҳои ҳомиён сарпӯш карда мешаванд.

**8.** Ба Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки рафти корҳои ҷиҳати омодагӣ ва гузаронидани ҷашни умумихалқии Наврӯз татбиқшавандаро ҳамаҷониба инъикос намоянд.

**9.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О. Қ. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*21 феврали соли 2025.*



*Дар ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона моҳипарварӣ яке аз самтҳои асосии хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Алҳол шумораи хоҷагии фермерии моҳипарварӣ ба 84-то расида, соли гузашта аз ҷониби онҳо 2 ҳазору 793 тонна гӯшти парҳезбоб расонда дода шуд.*

*Ба хоҷагии фермерии «Катта тош балиқлари» ташриф намудем. Моҳидорон корҷомаҳои обногузарро пӯшида боғайрат тӯр меандохтанд. Онҳо чунон ғарқи кор буданд, ки сардии зимистонро гӯё ҳис намекарданд. Барои бурдани моҳиҳо аз вилоятҳо, ҳатто аз пойтахт мошинҳои махсус омада дар навбат меистоданд.*

***Дар сурат:** дар хоҷагии фермерии «Катта тош балиқлари»-и ноҳияи Ёзёвони вилояти Фарғона.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ. ЎзА.***

# ДАР УЧҚИЗИЛ ЭКОТУРИЗМ РОҲАНДОЗӢ МЕШАВАД

***Дар асоси супориши Президент ҳини ташриф ба вилояти Сурхондарё оид ба пешрафти соҳаҳои гуногуни туризм аз ҷумла, экотуризм вазифаҳои муайян гузошта шудааст. Чуноне ки дар мақолаҳои қаблӣ зикр намуда будем, дар се ҳудуди вилоят барои барпо намудани марказҳои сайёҳии «Сангардак», «Амонхона» ва «Оби ҳаёт» пойдевор гузошта шуд. Инак, ба нақша гирифта шудааст, ки дар ҳудуди соҳилҳои обанбори Учқизили ноҳияи Тирмиз лоиҳаи барпо намудани экотуризм татбиқ гардад.***

Дар 51,6 гектар майдон, ки бунёди экотуризм ба нақша гирифта шудааст, дар айни замон як қатор фароғатгоҳҳо, масканҳои истироҳатӣ, ошхонаву нуқтаҳои маишӣ-хидматрасонӣ барпо гардидааст. Бо баробари ин барои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи туризм дар ин минтақа имкониятҳое, ки то ҳол роҳандозӣ нашудааст, мавҷуд аст. Чунончӣ, роҳи магистрали автомобилгузар (М39), ки бо роҳи Ҳайратони Афғонистон мепайвандад, маҳз аз наздикии соҳили ғарбии обанбори Учқизил мегузарад. Барои аз майдонҳои истифоданашуда самаранок истифода бурдан ва экотуризмро ривоҷу равнақ додан амалӣ намудани лоиҳаҳои пурвусъат роҳандозӣ хоҳад шуд. Мувофиқи он дар маҷмӯъ амалисозии 62 лоиҳа ба нақша гирифта шудааст. Аз ҷумла, 2 тарабхонаи замонавӣ, 32 дукони савдо, 28 нуқтаи хидматрасонӣ барпо хоҳад шуд. Бешубҳа, баъди бунёд ёфтани ин иншоот ҳам соҳили обанбор обод мегардад, ҷойҳои нави корӣ бунёд мешавад ва ҳам соҳаи сайёҳӣ дар минтақа рушд меёбад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Дар мавзӯи муҳим*

# ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛГАРОНРО КӢ ҲИМОЯ МЕКУНАД?

***Ҳар як шахс дар ҷомеа барои қонеъ гардонидани талаботи худ ба харида гирифтани мулк, яъне хонаву ҷо, истифода аз хидматҳои коммуналӣ, барқ, газ, воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ, хариди маҳсулоти ҳаррӯзаи истеъмолӣ ва ғайра эҳтиёҷ ва ҳуқуқ дорад. Ин ҳуқуқҳои шаҳрванд аз ҷониби давлат кафолат дода ва ҳимоя карда мешаванд.***

23 январи соли 2025 таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон» қабул гардид. Мувофиқи он истеъмолгарон одатан бо истеҳсолкунандаи маҳсулот ва иҷрокунанда – касе, ки маҳсулотро ба истеъмолгар мефурӯшад ва хидматҳои маишӣ, коммуналӣ, нақлиёт ва ё намудҳои дигари хидматро мерасонанд, сарукор доранд.

На ҳамаи мо аз ҳуқуқҳои худ дар ин бобат хуб огоҳӣ дорем. Ба дукон ва ё бозор рафта, маҳсулотро интихоб мекунем. Вале ба сифат, замони истеҳсол ва муҳлати истифодаи он, аз ҷониби кадом корхона истеҳсол шуданаш ва ба саломатии мо зарар дорад ё не эътибор намедиҳем. Ҳатто аксар ҳангом аз касса чеки пардохти пул ё сертификати мутобиқати маҳсулотро талаб намекунем.

Мақсад аз қабули Қонун «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон» таъмин сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳост.

Истеъмолгарон ҳуқуқ доранд, дар бораи маҳсулот (кор, хидмат), ҳамчунин дар бораи истеҳсолкунанда (иҷрогар ва фурӯшанда) маълумоти саҳеҳ ва комил дошта бошанд.

Мувофиқи Қарори Девони Вазирон аз 5 апрели соли 2022 бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон Федератсияи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон таъсис дода шуд. Шуъбаҳои ҳудудии федератсия дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо созмон дода шудаанд. Вазифаи муҳимтарини ин ҷамъият ташаккул додани маданияти ҳуқуқии истеъмолгарон, ҳамзамон ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо муассисаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва «Ҳафтгонаи маҳалла» барои пешгирии ҳолатҳои дар ин раванд ба вуқӯъ оянда мебошад.

Мувофиқи Қарори Девони Вазирон аз 28 ноябри соли 2002 дар вилояти Навоӣ 17 ҷамъияти ноҳиявӣ ва 2 ҷамъияти шаҳрии ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолгарон таъсис дода шуданд. Алҳол корҳо аз ҷониби шуъбаҳои ҳудудии ҷамъият самарабахш иҷро мешаванд. Садорати вилоятӣ аз рақами телефони боварӣ, почтаи электронӣ ва дигар ресурсҳои интерактиви ахбор ба мақсади ҳифзи манфиат ва ҳуқуқи истеъмолкунандагон васеъ истифода мебарад.

Соли гузашта аз ҷониби Садорати ҳудудии ҷамъият 830 мурочиат тафтиш гардида, ҳуқуқи 781 нафар истеъмолгар барқарор карда шуд, 49 мурочиат ба муассисаҳои ваколатдор супорида шуданд. 2 миллиарду 136 миллиону 900 ҳазор сӯм ба фоидаи истеъмолгарон баргардонида шуд.

Садорати вилоятии Навоӣ вазъияти хобгоҳҳои муассисаҳои таълимиро санҷид. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аз 1371 донишҷӯ 272 миллион сӯмина зиёд маблағ ситонда шудааст, ин маблағ ба соҳибонаш баргардонида шуд.

Хушбахтона, сатҳи огоҳии мардум аз ҳуқуқҳои худ рӯз аз рӯз меафзояд. Мурочиати мардум низ. Чунончӣ, шаҳрванди Навоӣ Ойбек Ҳаитов аз дукони техникаи маишӣ плитаи газ харид кардааст. Мувофиқи шартнома таъмири он бояд дар давоми се сол ройгон иҷро мешуд. Плита як моҳ ҳам кор накардааст. Бо дахолати корманди Ҷамъияти ҳифзи ҳуқуқи истеъмолгарон манфиати истеъмолкунанда ҳифз карда шуд. Ё худ иҷрокунандагон хидматро иҷро накарда, аз картаи бошандаи ноҳияи Навбаҳор Бекзод Бобоназаров 870 ҳазор сӯмро гирифтаанд. Пас аз мурочиат пули шаҳрванд баргардонида шуд. Бинобар ин гирифтани чеки пардохти пул аз касса зарур аст.

Барои маълумот бояд гуфт, ки ҳар сол 15 март дар тамоми ҷаҳон Рӯзи умумиҷаҳонии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолгарон ҷашн гирифта мешавад. Ин ҷашнро СММ соли 1983 таъсис додааст, он бори аввал 15 марти соли 1983 ҷашн гирифта шуда буд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

*Қарори Президент – дар амал*

# БОЗОМӮЗИИ ФАННИ ТАЙЁРИИ ИБТИДОИИ ҲАРБИИ ТОДАЪВАТӢ ТАКМИЛ МЕЁБАД

***Солҳои охир дар кишварамон ба масъалаи таълими ҳамаҷониба ва ҷараёни тарбия эътибори алоҳида дода мешавад. Мувофиқи қарори Президенти Ӯзбекистон аз 15 ноябри соли 2024 «Дар бораи чорабиниҳои ба зинаи нав баровардани самти тайёрии ибтидоии ҳарбии тодаъватии ҷавонон-мактаббачагон» эътибор ба низоми тайёрии ибтидоии пешаздаъватии мактаббачагон пурзӯр карда шуд. Аз соли хониши нави 2025/2026 дар муассисаҳои таълими умумӣ (мактабҳои Президентӣ, эҷодӣ, ихтисосонидашуда) ба мақсади баланд бардоштани нуфузи фанни мазкур дар синфҳои болоӣ миқдори соатҳо бинобар тарбияи ҳарбиву ватандӯстӣ зиёд шуда, минбаъд ба роҳбар-муаллимони ин самт унвонҳои ҳарбӣ дода мешавад. Оиди аҳамияти қарори номбурда ва корҳои дар ин самт амалшудаву дар оянда иҷрошаванда бо роҳбари шуъбаи ватанпарварӣ ва мувофиқгардонии тайёрии ибтидоии тодаъватии Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Улуғбек ДАВРОНОВ сӯҳбат оростем.***



**– Доир ба мақсад ва зарурати қабули қарори зикршуда ба хонандагони рӯзнома маълумот медодед.**

– Қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳои ба зинаи нав баровардани самти тайёрии ибтидоии ҳарбии тодаъватии ҷавонон- мактаббачагон» ба мақсади дар рӯҳи ҳарбиву ватанпарварӣ, ҳурмат ба қадриятҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, дар ҳамаи самтҳо такмил додани донишу малакаи ҷавонон, чун гавҳараки чашм ҳифз намудани осоиштагиву ҳамҷиҳатиро дар зеҳни онҳо ҷо кардан, инчунин босамар ба амал баровардани вазифаҳои васеъмиқёси ҳарҷониба ривоҷ додани мамлакатамон, ки дар Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» нишон дода шудааст, қабул гардид.

Мувофиқи қарор як қатор корҳо амалӣ мешаванд. Аз соли хониши 2025/2026 дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ ба омӯзиши фанни тайёрии ибтидоии тодаъватӣ ҳафтае ду соат ҷудо карда, онро роҳбарони дар асоси низоми махсус сарашудаи дорои маълумоти олӣ мегузаранд.

Дар иловаи якуми қарори Президент корҳое, ки бояд дар мактабҳои таълими умумӣ амалӣ шаванд, таҳти унвони «Барномаи чорабиниҳо оиди дар донишандӯзон бедор кардани ҳисси меҳр ва ҳавас ба касби ҳимоячии Ватан» тартиб дода шудааст. Дар он тайёр кардани барнома ва нашри китоби омӯзиши фанни ТИТД, низоми қабул ба «Мактабҳои ҷасорат», зина ба зина пурзӯр намудани тайёрии ҷисмонии хонандагон, ташкили ташрифи онҳо ба музейҳо, маҷмӯъҳои ёдгорӣ, тартиб додани мусобиқаҳои варзишию ҳарбӣ, экскурсия ба қисмҳои ҳарбӣ ва иҷрои боз як қатор масъалаҳои ташкилӣ бо муҳлату муассисони масъул нишон дода шудааст.

**– Доир ба ташкил ва фаъолияти «Мактабҳои ҷасорат» чанд сухан мегуфтед.**

– Ба мақсади аз хурдсолӣ тарбия намудани фарзандон дар рӯҳи садоқати бепоён доштан ба Ватан, ҳамчун инсони ҳарҷониба солим ва аз ҷиҳати маънавӣ баркамол ба воя расидани онҳо назди мактабҳои ҳар як ноҳия (шаҳр)-и Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои ҷумҳурӣ ҷамъ 208 «Мактаби ҷасорат» ташкил мегардад. Дар иловаи дуюми қарор рӯйхати «Мактабҳои ҷасорат»-и нав ташкилмешуда дар назди кадом мактаби ноҳия (шаҳр)-и вилоятҳо ва ба кадом вазорат (ташкилот) вобаста шудани онҳо нишон дода шудааст.

Ба ин мактаб хонандагон аз синфи 5-ум аз тариқи озмун қабул гардида, фанҳои математика, физика, таърих, тарбияи ҷисмонӣ, таълими ибтидоии ҳарбии тодаъватӣ, забонҳои хориҷӣ чуқур омӯзонида мешавад. Фаъолияти маҳфилҳои робототехника, бозиҳои варзишии миллӣ, машғулотҳои тайёрии тиббӣ, саводомӯзии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Талабагони мактаби мазкурро давоми соли хониш ду бор ба полигони ҳарбӣ ва дар ҳар чоряк як дафъагӣ барои гузаронидани машғулоти амалӣ ба қисмҳои ҳарбӣ бурдан ба нақша гирифта шудааст. Ба мақсади бедор намудани ҳисси ватанпарварӣ гузаронидани чорабиниҳои маданию маърифатӣ амалӣ мешаванд. Мувофиқи он бо хидматчиёни ҳарбие, ки соҳиби унвонҳои баланди давлатӣ мебошанд ва фахриён, курсант, хидматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳ, инчунин хонандагони литсейҳои ҳарбии академӣ вохӯриҳо, суҳбат ва дарси маҳорат ташкил мегардад. Ба хатмкунандагони болаёқату аълохони мактаби мазкур дар асоси саракунӣ барои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълими олии ҳарбӣ, юридикӣ тавсияномаи имтиёзнок дода мешавад.

**– Оё муаллим-роҳбарони ТИТД-и имрӯза минбаъд ҳам фаъолияти худро давом дода метавонанд?**

– Роҳбарон-муаллимони фанни тайёрии ибтидоии тодаъватии муассисаҳои таълими умумӣ (мактабҳои Президентӣ, эҷодӣ, ихтисосонидашуда) дар асоси озмун интихоб мегарданд. Ба он хатмкунандагони факултети таълими ҳарбии тодаъватии муассисаҳои таълими олӣ, аскар, сержант ва хидматчиёни ҳарбии мансуби таркиби офитсерони дорои маълумоти олии дар захираи Қувваҳои Мусаллаҳбуда даъват шуда, аз рӯйи низоми тасдиқшуда дар асоси озмун интихоб мешаванд. Баъди саракунӣ роҳбар-муаллимони ТИТД дар муассисаҳои олии дахлдор такмили ихтисос мекунанд. Минбаъд онҳо аз рӯйи самаранокии фаъолият мувофиқи тартиби қонунгузорӣ рағбатманд гардонида, тоифаҳои малака дода мешавад ва зина ба зина ба гирифтани унвонҳои навбатии ҳарбӣ пешниҳод мегарданд.

**– Аз қабули қарори мазкур се моҳ сипарӣ шуд. Оиди корҳои амалигашта маълумот медодед.**

– Баҳри иҷрои чорабиниҳои дар қарор нишондодашуда вазоратҳои мудофиа, таълими томактабӣ ва мактабӣ, таълими олӣ, фан ва инноватсияҳо, Маркази маънавият ва маърифат, инчунин Вазорати шуғл ва кам кардани камбизоатӣ мувофиқи самтҳо гурӯҳи корӣ ташкил намудаанд. Масалан, як гурӯҳи ташкилшуда ба муассисаҳои таълимӣ рафта, ҳолати синфхонаҳоро меомӯзанд. Асбобу анҷомҳои зарурироба рӯйхат мегиранд. Хонаҳои фанни ТИТД бояд мувофиқи талаби замон зина ба зина муҷаҳҳаз гарданд. Овезаҳои дарсӣ-ташвиқотӣ мувофиқи намунаи тақдимнамудаи Вазорати мудофиа ҷойгир шаванд. Гурӯҳи дигар бо тайёркунии барнома ва ба нашр омодасозии китоби дарсии фанни мазкур машғул мебошанд. Дар Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ шуъбаи ватанпарварӣ ва мувофиқгардонии тайёрии ибтидоии тодаъватӣ ташкил гардид. Мувофиқи қарор дар самти Вазорати мудофиа лавозими раҳбари тайёрии ибтидоии тодаъватӣ ҷорӣ гардида, нишондодҳои қарорро зина ба зина ба амал мебароранд.

**– Ба амалӣ гардидани корҳои ояндаатон муваффақиятҳо металабем.**

– Раҳмат.

Суҳбаторо

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

***Хоҷагии ҷангали Шофиркон таърихи хосе дорад. Хонандагони «Ёддоштҳо»-и Устод Садриддин Айнӣ хуб медонанд, ки дар нимаи дуюми асри XIX дар ҳудуди Шофиркон регкӯчиҳои зиёде рӯйи кор меомаданд. Аз ҷумла, регкӯчиҳои соли 1862,1892, 1925 ва 2020 ба мардуми ин ҳудуд зарари иқтисодии бузург расонид. Ба хусус, соли 1925 дар натиҷаи чунин офати нобаҳангоме, ки он вақт аҳолии деҳаи Кӯргони Вардонзе дар чаҳор масҷид адои ибодат мекарданд, тамоман дар зери реги равон монданд.***

# ХОҶАГИИ ҶАНГАЛИ ШОФИРКОН САДСОЛА ШУД

Чунин ҳолати ногувор мардумро ба ташвиш монд ва онҳо ба пойтахти мамлакат — шаҳри Маскав телеграмма фиристода, имдод хостанд. Дере нагузашта, аз он ҷо экспедитсияи илмӣ бо сарварии Пашкевич ном шахс фиристонида мешавад. Ҳайати экспедитсия баҳри пешгирии чунин офати табиӣ аз қамиш девор бофта, дар роҳи равиши рег садд бардоштанд, аммо саъю кӯшиши онҳо барбод рафт, муддати зиёде нагузашта, садди қамиш зери рег гум шуд. Пас, аз гил похсадевори семетра бардоштанд. Он девор низ дар зери рег монд. Оқибат кишти саксавулро авло шуморида, шинонидани ниҳолаки саксавул ва коштани тухми онро оғоз намуданд. Ин усули кор дар муддати кӯтоҳ дурустии худро намоён кард. Ва дар Шофиркон идорае бо номи хоҷагии ҷангал кори худро ба роҳ монд.

Ба идораи номбурда то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон худи Пашкевич сарварӣ намуда, баъди ба фронт рафтани ӯ ин вазифаро ҳамсараш Бижанбек то солҳои панҷоҳуми асри гузашта идома додааст. Дертар оилаи Пашкевич ба пойтахти мамлакат — шаҳри Маскав бармегардад ва духтарашон оиди ин мавзӯъ кори илмии падару модарро ба охир мерасонад.

Мо ба муносибати ҷашни 100-солагии хоҷагии ҷангали Шофиркон аз директори кунунии он Эркинҷон Кенҷаев хоҳиш намудем, ки бо ҳолат ва фаъолияти имрӯзаи хоҷагӣ хонандагони арҷманди «Овози тоҷик»-ро шинос намояд.

– Хоҷагии ҷангали мо бисёрсоҳа мебошад. Дар ҷамоа 50 нафар коргар аҳлу тифоқ бо парвариши ниҳолу шинонидани саксавулу черкас ва юлғун қариб дар 28 ҳазор гектар майдони саҳрои Қизилқум машғуланд.

Боқимонда 23 ҳазор гектар майдон ба 25 нафар чорводорон ба иҷора дода шудааст. Дар ин майдон инчунин 500 сар бузу гӯсфанд ва 100 сар чорвои шохдори калон парвариш карда мешавад.

Дар ҳамаи минтақаҳои мамлакатамон гӯшти моли дар саҳрои Қизилқум парваришёфта бақадр ва арзиши зиёд дорад. Бахусус «қазӣ»-и дар ин ҷо омодашуда маъмултар аст. Бар иловаи ниҳолпарварӣ боз чандин нафар аз химичҳои махсуси мустаҳкаму дароз ба бофтани мизу курсиҳо машғуланд, ки аз ин соҳа низ даромаде ба даст меояд.

Дар саҳроямон гиёҳи шифобахши ҳазориспанд хеле фаровон аст. Маълум, ки дар ҷое, ки ҳазориспанд фаровон рӯидааст, дар зери замини он ҷо об низ ба сатҳ наздик аст. Инчунин, аз каврак ва гули хори сурх, ки ба маризиҳои дарди шикам ва печок шифо мебахшад, чӯпонон ба тарзи хоса дору месозанд. Гули хори сафед бошад, барои беҳтар гардонидани биниш фаровон истифода мешавад. Паррандагони гуногун, инчунин товуси саҳро, ки шомили «Китоби сурх» аст, дар ин ҷо гоҳ-гоҳ вомехӯрад.

Аз хазандагон мору калтакалосҳои гуногун, эчкиэмар, дар мавзеъҳои ҷанубтар мори кафчаи заҳрдор, муштмори сафеди заҳрнок, гоҳо тирмор вомехӯранд. Гургу рӯбоҳу шағол, гурбаи ёбоӣ, юрмону кӯрмуши калон низ ҳастанд. Дар шимолтар оҳуи Бухоро — ҷайрон оварда, ба озодӣ гузошта шудааст. Дар мавзеъҳои дурдаст, ки дарёфти об осонтар аст, галаи харҳои ёбоиро дидан мумкин. Каврак ба гармии саҳро ва беобӣ хеле тобовар аст. Агар онро аз реша кофта гиред, дар бағалаш халтаи махсуси пур аз обро мебинед. Агар аз он об нӯшед, маризиҳои бешифо низ қафо мегаштааст.

Агар дар ин мавзеъ занбури асал парвариш карда шавад, асали аълосифат ба даст меояд. Ба қавле уммони саҳрои беканор пур аз сиру асрор асту вай чунин ниҳониро ба дилбандонаш ошкор месозад.

Соли ҷорӣ мо садсолагии хоҷагии ҷангаламонро ид хоҳем кард. Дар бадали ин солҳо садҳо нафар ҷангалбонон, даҳҳо директорон баҳри рушди соҳаи ҷангалпарварӣ кор кардаанд, ки хотираи онҳоро шод карданием, – гуфт дар охир Э.Кенҷаев.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
**ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.**

# ГУРӮҲҲОИ ТОҶИКИИ ДОНИШГОҲ ЧӢ МУШКИЛ ДОРАНД?

***Замоне буд, ки ҷамоаҳои мактабҳои тоҷикӣ дар мактабҳои олии вилоят созмон ёфтани гурӯҳҳои тоҷикиро орзу ва дар ин бора ба идораҳои дахлдори болоӣ муроҷиат мекарданд. Аксарияти ин талабҳо беҷавоб мемонд.***

***Хушбахтона, солҳои охир дар Донишгоҳи давлатии Бухоро гурӯҳҳои забон ва адабиёти тоҷик эҳё шуда, ҳоло дар он ҷо сето гурӯҳ фаъолият дорад.***



Факултети филология аз бахшҳои филология ва забонҳои ӯзбекӣ, русӣ, матншиносӣ ва манбаъшиносӣ, технологияи ахбор ва коммуникатсия иборат аст. Дар курсҳои якум, дуюм, сеюми гурӯҳҳои тоҷикӣ хатмкардагони мактабҳои тоҷикии вилоятҳои Қашқадарё, Сурхондарё, Самарқанд, Тошканд, Ҷиззах, Навоӣ, Сирдарё, Фарғона ва Намангон таҳсил мегиранд.

Мо вақте ин ҷо омадем, дар дарсхонаҳо машғулият давом дошт. Дар хонаи кунҷаки тарафи рост якчанд нафар устодон-бонувон машғули кор буданд. Баъди вохӯрӣ бо онҳо бо масъули гурӯҳҳои тоҷикӣ Ситора Атамуродова (омӯзгори забони англисӣ) шинос шудем. Дар ҷараёни суҳбат маълум гардид, ки созмондиҳандаи тадбирҳои маънавият ва маърифати ин гурӯҳҳо будааст.

С. Атамуродова таъкид намуд, ки дар факултет барои донишҷӯён имкониятҳои хуби илмомӯзӣ фароҳам оварда шудааст.

Аз ҷумла, барои хоҳишмандон хобгоҳ дода мешавад. Хобгоҳ низ дорои шароити мусоид буда, он ҷо китобхона, компутерхона, хонаи асбобҳои мусиқии миллӣ, тенниси рӯйи миз ва ғайра мавҷуд аст.

– Таҳти роҳбарии сарвари давлат дар мамлакатамон воқеаҳои зиёди таърихӣ ба амал меоянд. Аз ҷумла, дар соҳаи илм, таълим ва тарбияи ҷавонон. Эътибор ба дӯстии халқҳо беш аз пеш меафзояд. Дур наравем, гӯё дирӯз буд, 29 октябри соли гузашта дар маҷлисгоҳи факултети мо баргузор гардидани ҷашни 100-солагии рӯзномаи «Овози тоҷик» ба воқеаи бузурги таърихии Иди дӯстии халқҳо табдил ёфт. Шумо, аллакай гувоҳ ҳастед, дар факултети мо ҷараёни таълим ба се забон: ӯзбекӣ, тоҷикӣ, русӣ сурат гирифта, симоҳои се намояндани бузурги адабиёти ин халқҳо: Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Алишер Навоӣ, Александр Пушкин даромадгоҳи маскани илми моро обод кардаанд. Плакату шиор, панду ҳикматҳои гирду атроф низ барои ҳамаамон аҳамияти муштарак дорад. Ректори донишгоҳ Обидҷон Ҳамидов зуд-зуд ин ҷо ташриф оварда, ба ҳалли масъалаҳоямон пайваста кумак мерасонанд, – мегӯяд декани факултет, доктори илмҳои филологӣ, профессор Қаҳрамон Тӯхсанов.

**– Бахши тоҷикӣ магар ба устодон ва омӯзгорон ниёз надорад? – пурсидам аз сарвари факултет.**

– Не, устодон-омӯзгоронамон мерасанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки машғулиятҳои ихтисосӣ (забон ва адабиёти тоҷик)-ро мо – чор нафар: номзади илмҳои филологӣ, профессор Юнус Азимов, муаллимон Шералӣ Норқӯчқоров ва Муҳаммадамин Ҷӯраев мегузарем.

**– Ба фикрам, таълими дарсҳои адабиёт ба шумо дахлдор аст?**

– Бале, тадриси «Адабиёти халқҳои ҷаҳон ва Эрон», «Алоқаҳои адабӣ», «Адабиёти тоҷик ва бедории миллӣ», «Фолклори тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти тоҷик», «Ҷараёнҳои адабӣ», «Ҷараёнҳои адабӣ ва танқиди адабӣ», «Мифологияи тоҷик» дар ҳар се гурӯҳ ба банда тааллуқнок аст. Воқеан, салоҳияти илмии устодони гурӯҳҳои тоҷикӣ 75 фоизро ташкил мекунад. Рисолаи омӯзгор Шералӣ Норқӯчқоров барои соҳибшавӣ ба рутбаи илмӣ тайёр аст. Дифои он моҳи май сурат мегирад.

**– Масъалаи бо китобҳои дарсӣ, адабиётҳо таъминшавии донишҷӯёну устодон чӣ гуна аст?**

– Бо китобҳои дарсӣ ва адабиёти зарурӣ таъминшавии устодону шогирдон бад нест. Дар ошёнаи сеюм барои гурӯҳҳои тоҷикӣ китобхонаи алоҳида дорем, ки дар он садҳо адабиёт, асарҳои илмию бадеии классикию муосири адабиёти тоҷику форс, луғат, корҳои илмии донишҷӯён низ гузошта шудааст. Он ҷо агар вақт дошта бошед, даромада бинед, барои омӯхтан ва тадқиқи корҳои илмӣ имкониятҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Аз тарафи дигар, замон дигар шуд: интернет мушкилкушо гардид. Ҳоло ҳамаи донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикӣ шабакаи телеграмии худро доранд. Бо ёрии он ҳар як донишҷӯ варианти электронии китоби заруриро пайдо карда метавонад. Ба ғайр аз ин дар бинои асосии донишгоҳ китобхонаи электронӣ низ фаъолият дорад. Истифода аз гурӯҳ ва шабакаҳои интернетии «Қофилаи Рӯдакӣ», «Хоҷа Муҳаммад Шамсиддин Ҳофизи Шерозӣ», «А. Дониш», «Мавлавӣ», «Равзат-ус-сафо», «Ишқи сархӯр», «Фарзона», «Суханварон», «Дурдонаи Шарқ», «Овози Самарқанд», «Овози тоҷик» ва ғайра барои дастраскунии маводи зарурӣ мадад мерасонад. Донишҷӯёни мо ба рӯзномаи «Овози тоҷик» обунаанд.

**– Таҷрибаомӯзии донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикӣ кай ва дар куҷо мегузорад?**

– Асосан дар давоми таълими бакалавриат се маротиба ба амалиёт мебароянд: амалиёти фолклорӣ, амалиёти шевашиносӣ ва амалиёти педагогӣ. Донишҷӯён амалиётро асосан дар мавзеи худ мегузаронанд. Онҳо беҳтарин намунаҳои эҷодиёти даҳонакии деҳаи худ ва лаҳҷаву шеваҳои маҳаллаи хешро ҷамъ оварда, зимни омӯхтани онҳо донишу таҷрибаи худро зиёд мекунанд. Амалиёти педагогии онҳо низ дар таълимгоҳҳои тоҷикии мавзеи худ мегузарад. Муаллимони пуртаҷрибаи забон ва адабиёти ин мактабҳо бобати аз худ кардани роҳу усулҳои самараноки таълими ин фанҳо ба омӯзгорони ояндa кӯмак мерасонанд.

**– Донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикӣ дар чӣ гуна маҳфилҳо иштирок мекунанд? Байни онҳо эҷодкорон ҳастанд?**

– Донишҷӯёни ин гурӯҳҳо дар аксарияти маҳфилҳое, ки дар миқёси факултет ва донишгоҳ баргузор мегарданд, иштирок мекунанд.

Дар чорабиниҳое, ки ба муносибати зодрӯзи Алишер Навоӣ ва Муҳаммад Бобур гузаронида мешавад, шеърҳои тоҷикии онҳо аз тарафи донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикӣ қироат карда мешавад.

Баробари ин, вобаста ба ҳаёт ва фаъолияти шоирон, адибони форсу тоҷик тадбиру маҳфилҳои гуногун баргузор мегарданд.

Дар гурӯҳҳои тоҷикӣ донишҷӯёне, ки хабару мақолаҳо менависанд, кам нестанд. Донишҷӯён Ғайрат Панҷиев, Беҳрӯз Боймуродов, Шаҳноза Ғаффорова, Фарангис Акабоева, Дилдора Аҳмедова, Файзалӣ Ҷумъаев, Нигина Мусурмонова, Матёқуб Холматов, Севинч Дӯстёрова, Рамзия Дӯнабоева, Чарос Ҳамроева аз ҷумлаи эҷодкорони забони тоҷикиянд.

Боиси хурсандист, ки донишҷӯёни гурӯҳҳои тоҷикиамон дар баъзе тадбирҳои шаҳрию вилоятӣ низ иштирок мекунанд.

Дар ошёнаи сеюм вориди китобхонаи гурӯҳҳои тоҷикӣ шудем. Дар ҷевонҳо китобҳои гуногун, адабиёти илмию бадеӣ, асарҳои шоирони классики форсу тоҷик бо тартиб гузошта шудааст.

Баъди варақзании чанде аз китобҳо ба ошёнаи якум фуромадем. Аён гардид, ки донишҷӯёни курси дуюм дар дарсхонае таҳти роҳбарии омӯзгор Шералӣ Норқӯчқоров машғулияте доранд. Бо рухсати ӯ вориди дарсхона гашта, чанд лаҳза бо донишҷӯён мулоқот кардем.

Донишҷӯ аз ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё Дилдора Аҳмедова (шогирди мактаби рақами 46) барои эътибор аз номи ҳамдарсон сипосгузорӣ намуд.

Қаҳрамон Тӯхсанов хомӯшона ишораи нишастан намуд ва ба пиёла чой рехта сӯям дароз кард.

– Одамонро фаҳмидан мушкил, – ниҳоят лаб во кард вай ва баъди андаке таваққуф дарди дил ошкор намуд:

– Сиёсати халқпарварона ва ғамхориҳои беғаразонаи сарвари давлат имконият додааст, ки дар донишгоҳи мо ҷавонони тоҷик низ дар қатори дигарон ба забони модарии худ таҳсил гирифта, соҳиби касб ва маълумоти олӣ шаванд. Вале... рафтори баъзе ҳамзабонҳоямон дилро ба дард меорад. Омада риштаи таҳсилро интихоб карда ҳуҷҷат супориданд, аз имтиҳонҳо бо муваффақият гузашта ҳуқуқи бо грант хонданро ба даст даровараданд, вале акнун... ба дарсҳо намеоянд, хоҳиши таҳсил надоранд. Чӣ бояд кард?! Ин дардро ба кӣ гӯям?!

Шоир беҳуда нагуфтааст: «Ман аз бегонагон ҳаргиз наноламм...»

Аз донишгоҳ баромада сӯйи роҳи калон қадам мениҳодаму суханони охирини сарвари факултет, лоқайдию беоқибатии ҳамзабонон ба дилам фишор меовард.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

*Нуктаи назар*

***«Ta`lim nazorati» (@uztdi) яке аз каналҳои телеграмие мебошад, ки қариб 100 ҳазор корбар дорад ва роҷеъ ба қонунгузорӣ, навиду мушкилоти соҳаи таълим, дигаргуниҳое, ки дар сохтор амалӣ мегарданд, матолиб ва ахбори муфид мегузорад.***

# «ТАЪЛИМ НАЗОРАТИ»-РО КӢ НАЗОРАТ МЕКУНАД?

Азбаски худ ба соҳаи таълим таваҷҷуҳи бештар дорам, пайваста ин каналро пайгирӣ мекунам.

Чанде пеш таъсисгарон таҳти унвони «Аз рӯйи омодагӣ ба аттестатсия боз оиди як қатор фанҳо тестҳои диагностикӣ ҷойгир карда шуд» матлабе гузоштанд.

Дар он сухан дар бораи пеш аз аттестатсия марҳила ба марҳила гузоштани тестҳои диагностикӣ барои омӯзгорон рафта, таъкид гардидааст, ки «бо назардошти талаб ва хоҳиши устодон, ки ба @uztdibot фиристодаанд, аз фанҳои зерин низ тест ҷойгир карда шуданд:

- Забони қазоқӣ
- Забони тоҷикӣ
- Забони корейсӣ
- Забони немисӣ»

Вақте ин навидро шунидам, хушҳол гардидам. Чунки то ҳол чунин тест вуҷуд надошт ва аксар дӯстон, ки омӯзгоранд, доим аз ин мушкил шикоят мекарданд. Хурсанд будам, ки акнун ҳама омӯзгорон метавонанд бо забони модарии худ тести диагностикиро супорида, ба аттестатсия омодагӣ бинанд.

Дар поёнтари матлаб «Барои иҷрои тестҳои диагностикӣ ба яке аз ин ҳаволаҳо дароед» навиштаву он ҷо таҳти рукнҳои «Бо забони ӯзбекӣ ва русӣ» ва «Бо забони қароқалпоқӣ» ду ҳавола гузошта буданд. Ҳисси кунҷковиям боло гирифту бо мақсади шиносоӣ бо намунаҳои тест ба забони тоҷикӣ ҳаволаи якум – «Бо забони ӯзбекӣ ва русӣ»(https://t.me/uztditestbot)-ро зер кардам.

Телеграм маро ба саҳифаи дигар бурд. Дар он ҷо пас аз иҷрои чанд дархости боти махсус, навиштаи «Аз байни фанҳои зерин фанни якуми асосиро интихоб кунед» баромад, ки дар поёни он номгӯи 38 фан буд. Вақте фанни «Забони тоҷикӣ»-ро интихоб кардам, бот автоматӣ гуфт, ки вориди сайт шавам. Дар сайт низ пас аз иҷрои чанд дархост, тест рӯйи оинаи компутер пайдо шуд. Он ҷо аз фанҳои гуногун 35-то тест буд.

Саволи якум **«Дар ҷумлаи «Вай подаро ронда ба чаро мебурд»-ро пуркунанда ба кадом савол ҷавоб шудааст?»**-ро хонда, ҳавсалаам пир шуд. Тестҳоро як-як механдаму ҷойи он эҳсоси ифтихору фараҳмандиро, ки ҳангоми мутолиаи матлаб пайдо шуда буд, ғаму ноумедӣ фаро мегирифт. Ҷумлаҳо нофаҳмо, тарҷумаҳо нодуруст, калимаҳо пур аз ғалат буданд. Яъне мазмуну маъно бо ду по мелангиданд.

Масалан, дар саволи **«Сартҳои зерин «...агар сир набошад гӯед канӣ чӣ хел писару тарсончаку шармигини заифмиҷози моро ба ин хел ҷавонмарди ҷасуру паҳлавон табдил додед?...».**» ҳам маъно нодуруст, ҳам чанд ғалати имлоӣ мавҷуд ва ҳам дар охири ҷумла чор намуди аломати китобатиро гузоштаанд. Мутаассифона, дар охири қариб ҳамаи саволҳо чунин ҳолат, яъне гузоштани 2-3 аломат ба чашм мерасад.

Инчунин, аксар калимаҳо, аз ҷумла «хурокворӣ» (хӯрокворӣ), «сарт» (сатр), «шармигин» (шармгин), кондетсатсия (конденсатсия), «қиммат» (қимат) ва ғайра хато навишта шудаанд. Дар саволҳо ченакҳо бо ҳарфҳои лотинӣ сабт гардидаанд (cm, dm, kg ва ғайра).

Дуруст, ки гузоштани тестҳои диагностикӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ барои омодагии бештару беҳтари омӯзгорон ба аттестатсия мусоидат мекунад. Яъне ин як имконияти хуб аст. Аммо «имконият фароҳам менамоем» гуфта, саволҳои пурғалатро гузоштан то чӣ ҳад дуруст? Умуман, канали «Таълим назорати»-ро, ки дар бораи саҳифаи кадом ниҳод ё идораву ташкилот будан ва аз ҷониби кӣ таъсис ёфтани он маълумоте вуҷуд надорад, кӣ назорат мекунад? Агар вазъи тестҳои диагностикӣ чунин аст, тестҳо барои аттестатсия чӣ ҳол доранд?

Ин ҳама саволҳое мебошанд, ки ҷавоб мехоҳанд. Хуб мешуд, омӯзгороне, ки дар аттестатсия ширкат кардаанд, дар бораи бурду бохти саволҳои аттестатсионӣ андешаҳои худро рӯйи коғаз оварда, ба рӯзнома ирсол мекарданд.

**Ф.ЙӮЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

---

*Минбари донишҷӯй*

***Имрӯзҳо дар яке аз мактабҳои шаҳри Тошканд таҷрибаомӯзӣ мекунам. Ҳафтае чанд рӯз ба мактаб рафта, бо устоде, ки тибқи талаботи таҷрибаомӯзӣ ба ман вобаста карда шудаанд, якҷоя кор мебарем.***

# БА ЯК ХАТО, ДУ ХЕЛ БАҲО...

Дар рафти амалиёт ба донишомӯзони синфҳои ибтидоӣ дарс мегузарем. Аз онҳо корҳои санҷишӣ мегирем. Инчунин, барои санҷидани диктанту корҳои назоратӣ ва вазифаҳои хонагӣ ба роҳбарони синф кумак мерасонем.

Чанд рӯз пеш аз донишомӯзони синфи чорум аз фанни «Математика» кори санҷишӣ гирифтем. Вақте занги баромад шуд, хонандагон берун рафтанд. Муаллим дафтарҳои хонандагонро барои санҷиш гирифт ва ман низ хостам кумак расонам. Мисолҳоро месанҷидаму ба муаллим медодам, то худашон баҳо гузоранд. Муаллим ба донишомӯзоне, ки ҳама мисолҳоро дуруст кор кардаанд, «5», агар як хато доранд, «4» ва агар аз панҷ мисол ду ва ё аз он бештарашро хато ҳал карда бошанд, «3» мегузошт. Лекин ҳини санҷиш муаллим ба хонандае, ки як хато дошт, «5» гузошт. Фикр кардам, ки ғалат карданд.

– Муаллим, як мисолро хато кор кардааст, – гуфтам.

– Ҳа, ҳеҷ гап не, ин донишомӯз дар дарсҳои иловагӣ иштирок мекунад.

Аз ин гуфтори бепарвоёна ва рафтори муаллим, ки ба як хел хато ду хел баҳо мегузошт, оташин шудам. Хостам бигӯям, ки «шумо муаллим ҳастед ва бояд ҳамаро бо як чашм бубинед». Аммо барои эҳтироми синну сол ва собиқаи чандинсолаи корӣ хомӯширо афзал донистам.

Дарсҳо анҷом ёфт. Хона баргаштам, аммо то ҳол дар бораи ин рафтори муаллим меандешидам. Азбаски фарзандони худам дар ин мактаб мехонанду ба дарсҳои иловагӣ намерафтанд, ин ҳолат маро хеле дилтангу нигарон карда буд. Саволе ба сар мезад, ки оё чунин кор пеш гирифтани муаллим дуруст аст? Магар ин кор боиси аз дарсҳо дилсард шудани дигар донишомӯзон намегардад? Ташкили дарсҳои иловагӣ барои хонандагон то чӣ ҳад муҳим мебошад?

Бояд гуфт, ки мактаб даргоҳи муқаддас аст. Ҳар як падару модар фарзанди худро бо умеди нек ба ин ҷо медиҳад, то илм омӯзад, соҳиби одобу ахлоқи ҳамида шавад ва чун инсони комил ба камол расад. Дар ин раванд нақши муаллим ва мураббиён беназир аст. Агар омӯзгорон, ки мо фарзандони худро бовар карда ба дасти онҳо медиҳем, чунин рафтор кунанд, (албатта на ҳамаи онҳо) яъне манфиати шахсии худро аз манфиати умум боло гузоранд, чӣ гуна метавонанд насли хуби ояндасозро тарбия кунанд?

Шумо дар ин бора чӣ назар доред, падару модарон ва омӯзгорони арҷманд?

**Шоҳсанам ЮЛДОШЕВА,**
**донишҷӯйи Донишкадаи давлатии соҳибкорӣ ва педагогии Деҳнав,**
**таҷрибаомӯз.**

---

# ЁДГОРИҲОИ ҚУҚАНД: ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ



***Қуқанд ёдгориҳои зиёди таърихиву меъморӣ дорад. Ин аст, ки сайёҳони дохиливу хориҷӣ мунтазам ба ин шаҳр меоянд ва бо зиёратгоҳҳои он аз наздик ошно мешаванд. Танҳо дар як соли охир теъдоди онҳое, ки ба Масҷиди ҷомеъ – ёдгории меъмориву таърихии шаҳри куҳанбунёди мо ташриф овардаанд, ҳазорҳо нафарро ташкил медиҳад.***

Ин ёдгории меъмориро ҳамеша ба сифати шоҳасари шаҳри Қуқанд арзёбӣ мекунанд ва ин бесабаб нест. Ин обида ба асри XIX мутааллиқ буда, солҳои 1812-1818 аз ҷониби хони Қуқанд – Умархон сохта шудааст. Он аз қасри азим, айвони васеъ, ки аз се тарафаш бо 98 сутуни чӯбин иҳота шудааст ва манора иборат мебошад. Чун манораро ба 98 сутун илова кунем, рақами 99 ҳосил мешавад, ки ин ишора ба 99 номи Худованд аст.

Дар шифти айвон намунаи вассаҷуфт мавриди истифода қарор гирифтааст, ки ба 114 бахш тақсим шудааст. Он низ ишора ба 114 сураи Қуръони азимушшаън мебошад. Замоне дар ҷойи он масҷиди қадимӣ қомат афрохта буд. Мутаассифона, вай дар замони Темуриён ба харобазор мубаддал гардидааст ва то асри XVIII танҳо баъзе қисматҳои он боқӣ мондаанд. Дар аввал Норбӯтабий кӯшиш кардааст, ки намозгузоронро ба масҷид ҷалб намуда, дар паҳлӯйи рости масҷиди қадима мадрасаи нав бунёд кунад. Аммо вазъи фарсудаи масҷид ба ин имкон надодааст. Дар натиҷа мадрасаи навбунёди Мир низ ҳамчун масҷид хидмат кардааст.

Танҳо соли 1805 Олимхон тасмим гирифтааст, ки дар ҷойи масҷиди қадима масҷиди нав созонад, вале бар асари афзоиши хароҷоти ҳарбӣ сохтмони масҷид мавқуф мемонад. Соли 1812 Умархон сохтмони масҷидро аз нав сар мекунад. Барои ин зиёда аз 200 нафар устоҳои моҳири Ӯротеппаро ҷалб менамояд. Сохтмон солҳои 1817-1818 анҷом ёфтааст.

Санъати кандакорӣ, ки масҷидро зебу зинат медиҳад, ба сифати як техникаи беназир дар миёнаҳои асри XVIII ташаккул меёбад. Нақшҳои кандакоришудаи масҷид чандон зиёд нестанд, вале бо дақиқии худ тафриқа доранд. Хусусан, нақшҳои исломӣ ва гиреҳхӯрдаи он ҷолибанд, нақшҳои набототмонанд аз қисмҳои хурд ғанӣ буда, гулҳои бошукӯҳро ташкил медиҳанд.

Аз нимаи дуюми асри XIX нақшҳои ороишӣ, раҳдор ва ғайра пайдо шудаанд. Ранг кардани замини нақшдор низ васеъ истифода шудааст. Дар байни устоёни масҷид Отауллоҳ Муҳаммад Раҷаб, Мулло Холиқ, Фозил Отауллоев, Лутфулло Фозилов ва дигарон мавқеи хоса доштаанд.

Дарвоқеъ, ин масҷид дар Осиёи Марказӣ ягона ёдгории меъморӣ маҳсуб меёбад, ки бо услуби айвони кушод сохта шудааст. Масҷидҳои он давра ва монанди ин аз рӯйи анъана аз чор тараф девор доранд. Аммо дар Қуқанд бо назардошти эҳтиёҷоти намозгузорон тасмим гирифта шудааст, ки масҷид танҳо аз самти қибла пӯшида шавад. Рӯзҳои аввал маҷмӯаи масҷиду мадраса ҳамчун ёдгории ягонаи меъморӣ амал мекардааст. Дар самтҳои ҷанубӣ, шарқӣ ва шимолии маҷмӯа ҳуҷраҳо мавҷуд будаанд. Дарвозаи шимолӣ ва толори қироат то соли 2009 бетағйир мондаанд.

Дар водии Фарғона пас аз ҳамин масҷиди ҷомеъ бо ин роҳ сохтани масҷидҳои хурдтар ба ҳукми анъана даромадааст. Ин, пеш аз ҳама, зарурате будааст, ки аз шароити иқлими водӣ бармеояд, дуюм, хоҳиши идома додани анъанаҳои меъмории хоси Фарғона боиси бунёди масҷид дар чунин услуб гардидааст. Аз ин лиҳоз, масҷиди Қуқанд ёдгории беҳамто ба ҳисоб меравад, ки ҷанбаҳои қадимии мактаби меъмории Фарғонаро таҷассум мекунад.

Ногуфта намонад, ки айни ҳол дар ин ҷо Осорхонаи давлатии Қуқанд – филиали санъати амалӣ ва Маркази ҳунармандии шаҳр воқеъ гаштаанд. Иншооти мазкур бо қарори Девони Вазирон аз 4 октябри соли 2019 ба «Феҳрасти миллии иншооти мероси моддию фарҳангӣ» шомил карда шуданд. Ба ин тартиб, масҷиди Қуқанд ёдгории беназири мактаби меъмории қадимаи миллӣ маҳсуб меёбад, ки дар худ як сафҳаи таърихро хеле равшан бозтоб медиҳад.

**Муаттар НОСИРОВА,**
**директори Осорхонаи санъати амалии Қуқанд.**

---

# ТАҶЛИЛИ МАВЛУДИ АДИБОН ДАР «ЧАШМАИ ХУРШЕД»

***«Чашмаи хуршед» ба аҳли илму адаб, аз ҷумла тоҷикони воҳаи Сурхон маълум аст. Зеро солҳои 1993-2001 дар шаҳри бостонии Тирмиз маҳфили адабие таҳти чунин ном фаъолият дошта, олимон, шоирон ва нависандагони тоҷику тоҷикзабони ин воҳаро гирди хони адаб ҷамъ оварда буд.***

Пас аз 22 соли хатми фаъолияти ин маҳфил моҳи ноябри соли 2023 дар шуъбаи тоҷикии Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо ибтикори донишҷӯён, роҳнамоии устоди ин донишгоҳ Ҷамшед Ҷумъақулов ва кумаку дастгирии раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилоят Рамазон Абдуллоев маҳфили адабии «Чашмаи хуршед» аз нав барқарор ва моҳи ноябри соли 2024 маҳфили дигар бо номи «Машъали илм» ташкил карда шуд. Яке аз натиҷаи назарраси маҳфили нав, ба гирифтани стипендияи донишгоҳ сазовор гардидани донишҷӯйи илмпарвар, узви фаъоли ин ду маҳфил Зулбибӣ Искандарова мебошад.

Дар шуъбаи тоҷикии факултаи филология маҳфили навбатии «Чашмаи хуршед» баргузор гардид. Дар чорабинӣ устодону донишҷӯёни кафедраи филологияи тоҷик, забонҳои Шарқ ва меҳмонон иштирок намуданд. Маҳфил ба тарзи ноанъанавӣ баргузор гардид. Нахуст ҳисоботи маҳфилҳои «Чашмаи Хуршед» ва «Машъали илм» шунида шуд. Сипас, донишҷӯён дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ду намояндаи бузурги адабиёти муосири тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ ва Саттор Турсун, ки мавзӯи рӯз буд, маълумот дода, аз ашъори Ҳабиб Юсуфӣ шеърҳо қироат карданд. Меҳмонон зимни суханронӣ дар бораи ин ду маҳфили адабӣ-илмӣ афкори хешро баён карданд ва таъкид намуданд, ки ин гуна маҳфилҳо бояд бо баҳсу мунозираҳои илмӣ гузарад ва донишҷӯён дар ҷодаи таҳсили илм ҳама вақт дар саъю талош бошанд.

**Шукруллоҳ СИРОҶ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# САД ЧАШМА АЗ САРЧАШМА

## МАРҲАБО БА САРЧАШМА

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ду қуллаи барфпӯш, ки ба ду синаи дамида шабоҳат дошт, зери анвори офтоб медурахшид. Мардуми ӯзбектабори ин минтақа (хоса чӯпонҳо) аз қадим ҳамин кӯҳҳои барҷастаро «Қизимчак» (дар ҳуҷҷатҳо «Қизил-эмчак» сабт шуда) меномидаанд ва деҳаи Сарчашма нахуст бо ин ном маъруф гаштаву пас бо ташаббуси фарзанди худогоҳаш Намоз Чоршанбиев (раиси собиқи ҷамоат) соли 1978 тағйири ном кардааст.

Ҳоло номи гӯшнавози Сарчашмаро дар зеҳни худ ба гардиш оварда, аз фарози тале ба тӯлу арзи деҳа назар мекунам. Он дар зери кӯрпаи барф ба хоби зимистона рафтааст. Аз мӯриҳои хонаҳои бешумор дуд ба осмон мехезад... Ҳарчанд муҳити боғҳои васеъ ва сердолу дарахт хомӯш аст, бешак андаруни хонаҳои мардуми маҳал зиндагӣ меҷӯшад.

Бо қадами шом ба Сарчашма расидаву бо роҳбаладии Фурқат Боев (ҳофизи маҳаллӣ) ба хонаи Абдусалом Чоршанбиев омадем ва ин ҷо суҳбати мо бо устод Ҷамшед Чоршанбиев ва марди фозилу муаррих, омӯзгори собиқадор Баҳром Чоршанбиев гарм шуд.

Аз нақли устодон маълум гашт, ки дар ин деҳа чанд чашмаи хурду бузург, чун Чашмаи Ҷалол, Марзия, Паттӣ, Карсончашма, Пирмаҳмад, Кабудак, Ӯлар, Малла, Гароб, Хоҷа Рӯшонӣ ва Соҳиб мавҷуд аст, ки ҳар кадом таърихчаи алоҳидае доранд. Аммо деҳаи Сарчашма ба ифтихори чашмаҳои Гармак, Қулмаҳмад ва Дӯконако мавҷуд ва оби онҳо заминҳои аҳли деҳро шодоб мегардонанд. Бо вуҷуди ин, чашмаҳои Сарчашма ниёзи мардумро ба оби ошомиданиву киштукор таъмин намесозад. Бинобар ин, аз чашмаҳои дури кӯҳӣ дар замонҳои гуногун бо ҳашари умумӣ ҷӯй кандаву ба самти деҳа овардаанд. Ҷӯйи Шоҳ, Қурбони Рабеъ, Ҷӯйи кӯҳнаи ҳачча, Ҷӯйи нави ҳачча, Бурсбутто ва Сепоя аз ин шумор буда, ҳар кадом 5-10 км. дарозӣ доштаанд. Чашмаҳои Сарчашма аз дили кӯҳистони атроф шукуфтаву рӯдҳои Зарди Ҳусин, Дари тангӣ, Ҳиндукуш, Зулоб ва Мойчукро ташкил медиҳанд.

Муаррихон таърихи деҳаро ба 2000 сол баробар медонанд. Устод Баҳром Чоршанбиев гуфт, ки аҳолии Сарчашма аз Ишқободи Туркманистони имрӯза, шаҳрҳои Ургут, Ҳисор, Китоб ва Самарқанд кӯчида омадаву ин ҷойро ба худ ватан ихтиёр кардаанд. Пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳон аҳолӣ хеле зиёд будааст ва ин мавзеъро барҳақ «ҷангали анбӯҳи одам» меномидаанд. 168 нафар ҷавонон ва мардони ҳузарби деҳа ба Ҷанги дуюми ҷаҳон рафтаву 108 кас дар майдони ҳарб ҳалок шудаанд.

Ҳолдонҳо мегӯянд, баромади мардуми деҳаи Яккахона низ аз Сарчашма аст. Ҳоло ба ҷуз аз шаҳру навоҳии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон низ (шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хуҷанд) беш аз 200 оилаи сарчашмагӣ зиндагӣ мекунанд. Айни ҳол дар деҳкада шаш тухмаи калоне мавҷуд буда, бо номҳои Ҳисорӣ, Ишқободӣ, Чармгар, Ховатӣ, Ғӯсӣ ва Туркак маълуманд. Аҳолии деҳаи Сирзор ҳам ба Сарчашма пайвастааст.

Деҳа аз чаҳор гузар – Чармгарон, Калон, Маҳалла ва Сари Ҷӯй иборат аст ва аз ҳар ҷониб кӯҳҳои Чилдухтарон, Сиём (Сиёҳ) ва Ҳачча иҳота карда, аз самте тали Коза посбонӣ мекунад. Мардум аз қадим дар заминҳо бо кишту кор машғул буданд. Дар замони шӯравӣ ба ҷуз кишти картошка ва боғдорӣ, дар заминҳои ҷамоат тамоку мекориданд ва бештар аз хидмати занону кӯдакони маҳаллӣ истифода мекарданд. Ҳоло кишти тамоку комилан аз байн рафтааст.












## МУНТАЗИРИ САЙЁҲОН

Солҳои охир экотуризм ва этнотуризм дар кишвари мо рушд мекунад ва ихлосмандони он хеле зиёд мегарданд. Ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сарчашма»-и ноҳияи Шаҳрисабз низ ин мақомро соҳиб буда, сол аз сол таваҷҷуҳи сайёҳони бештарро ба худ ҷалб месозад. Таърихи бой ва манзараҳои дилфиребн ин маҳалла ҳар бинандаро мафтун месозанд. Сарчашма аз маркази ноҳияи Шаҳрисабз дар масофаи 70 км. ҷой гирифтааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ ният дорад, ки варзиши лижарониро дар кӯҳистони ин минтақа ба роҳ монад, то сайёҳони хориҷиву ватанӣ бештар мароқ зоҳир созанд. Тарҳҳои мушаххасе таҳия шудаву рӯзҳои наздик татбиқи онҳо шурӯъ хоҳад гашт. Тибқи маълумотҳо, симроҳаи замонавие деҳаҳои Сарчашма ва Ғелонро ба ҳам васл месозад ва иншооти вобаста ба лижаронӣ сохта шуда, инфрасохтори ин деҳоти кӯҳистонӣ тағйир ва обод хоҳанд шуд. Барои сохтмони ин иншоот аз ҳисоби заминҳои маҳалла 100 гектар ҷудо гаштааст. Интизор меравад, ки роҳҳои душвортайи байни Ҳисорак ва Сарчашма бозингарӣ ва ба талаботи замон мувофиқ шаванд. Аммо фаъолони деҳа изҳори ташвиш мекунанд, ки бо қадами ҷаҳонгардон ахлоқи мардум дигаргун ва анъанаҳои бостонӣ (миллӣ) халалдор хоҳанд шуд.

## САРЧАШМАИ МАЪРИФАТ Ё МАКТАБИ ЯГОНАИ ТОҶИКӢ

Фарзандони мардуми ин мавзеъ дар як мактаб таълиму тарбият мегиранд. Дабистони рақами 57 дар маркази деҳа ҷой гирифта, бинои замонавие дорад ва он соли 1998 бунёд ёфтааст. Бахши дигари мактаби мазкур дар самти муқобили рӯдхонаи Сарчашма воқеъ буда, як қисми биноҳои он аз замони пеш боқӣ мондаанд ва ба талаботи имрӯз ҷавоб намедиҳанд. Дар ин ҷо хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳсил мегиранд. Роҳбарии мактабро Абдуваҳҳоб Бердиев дар ӯҳда дорад. А. Бердиев гуфт, ки дар дабистон 62 муаллим дарс медиҳанд ва шумори умумии шогирдон 851 нафар аст. Ҳашт омӯзгор муваффақ гаштаанд, ки дараҷаи тоифаи олиро соҳиб гарданд. Барои хидматҳои шоиста ду нафар омӯзгори мактаб (Абдусалом Чоршанбиев ва Илҳом Тошев) унвони Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистонро гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки ин мактаб аз қадимтарин даргоҳи илму маърифат маҳсуб ёфта, дар ибтидо дабистони рақами 2 буд. Он замонаҳо авҷи муқовимати гурӯҳҳои аксулинқилоб ва озодихоҳ будааст ва мардуми норизо аз сиёсати ҳукумати нав ба по хеста, хостори сохти куҳан мешуданд. Онҳоро дар таърих бо номи «босмачӣ» зикр кардаанд. Аммо қабл аз созмон ёфтани мактабҳои типи нав дар Сарчашма масҷиди Мулло Рӯзӣ нақши мадрасаи маҳаллиро мебозид, ки дар он шахсони фозили замон Мулло Ниёз, Мулло Рӯзӣ, Мулло Шариф, Мулло Чоршанбе, Мулло Тилак ва Мулло Раҷаб машғули тадрис буданд. Соли 1928 аввалин мактаби «маҳви бесаводӣ» ифтитоҳ ёфт. Нахустин муаллими ин мактаб Мирзо Ортиқи Фарғонӣ (Абдухалил Ортиқов) будааст. Азбаски мактаб бинои муайян надошт, фарзандони мардум дар меҳмонхонаҳои бойҳои маҳалла Ёрбой, Мақсад Элбегӣ, Мулло Тилак, Эшонқулбой, Қарорамин, Озодбой, Қаноатбой... таълим мегирифтанд. Мирзо Ортиқи Фарғонӣ чун намояндаи забардасти ҳукумати нав дар ташкили колхозҳо низ фаъол ширкат меварзад, аммо соли 1931 аз ҷониби як гурӯҳи норизо ба таври фоҷиавӣ кушта мешавад. Ин марди чашмикордон қабл аз ин фоҷиа бо ҳамроҳии котиби ҷамоат Фатҳулло Шарифов барои мактаб бинои начандон калоне месозад. Мактаби деҳа он вақт бо номи Свердлов машҳур будааст.

Солҳои 50-ум бо кӯшиши фарзандони накӯноми деҳа Намоз Ҷамолов ва Намоз Чоршанбиев бо роҳи ҳашар бинои наве бунёд мегардад, ки он то соли 2019 пойбарҷо буд. Баъд ин биноро вайрон карда, дар ҷояш бинои нави замонавие сохтанд. Дар мактаб тӯли 97 сол 26 нафар омӯзгорон сарвар будаанд ва дар замони роҳбарии ҳар кадоме ин таълимгоҳ зина ба зина обод гаштааст. Мардум ҳанӯз номи Мирзо Ортиқи Фарғонӣ, Олимҷон Ёдгоров ва Қодир Абдуллоеви бухороӣ, Арӣ Исроилов, Юсуф Гадоев ва Мӯсо Қотонови шаҳрисабзӣ, Абдуғаффор Ғуломови ҳисоракӣ ва Назар Умарови бешкентиро ба некӣ ёд оварда, аз хидматҳои шоёни ин фидоиёни роҳи таълим ситоиш мекунанд.

Дар ин деҳаи зебою хушбоду ҳаво як зумра фарзандони накӯном камол ёфтаанд, ки мардум гоҳу ногаҳ аз онҳо ёд овардаву номи накӯяшонро бо эҳтиром ба забон мегиранд. Ин фарзандони фарзонаи деҳа номи зодгоҳи худро дар олам машҳур сохтаанд. Аз ин хокдон 12 нафар олимони хуб зуҳур кардаву дар соҳаҳои гуногуни илм машҳур гаштаанд. Шодравон Шокир Мухторов доктори улуми филологӣ, профессор (муҳаққиқи забони фаронсавӣ) аз фарзандони обрӯманди ин деҳаи кӯҳистонӣ ба шумор меравад, ки хидматҳои беназири ин олимро дар Тоҷикистону Фаронса эътироф ва қадрдонӣ (соҳиби ҷоизаи «Пальма») кардаанд. Ин шахси забондон «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсиро ба забони фаронсавӣ тарҷума кардааст.

Киром Остон (шоир ва олим), Абдуҷаббор Элов, Сӯҳроб Мирзоев, Комил Дӯстов, Қарор Нурқаев, Садриддин Чоршанбиев ва Юсуф Йӯлдошев номзадҳои улуми филологӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва кишоварзӣ мебошанд. Аксари ин олимон дар риштаҳои гуногуни илми тоҷик дар Душанбе ва шаҳрҳои Хуҷанду Бохтар кору зиндагӣ мекунанд. Устод Дорои Дӯст (равонаш шод бод) ҳам хатмкардаи мактаби Сарчашма аст, ки солҳо дар Душанбе зиставу дар инкишофи журналистикаи тоҷик хидматҳо кардааст. Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Фазлиддин Намозов айни ҳол ба ҳайси декани факултаи агрономии Донишгоҳи аграрии Тошканд кор мекунад. Маҳмадсаид Яхшиев (номзади илмҳои кишоварзӣ) ҳоло дар Сарчашма аст ва Дилшод Элов (доктори илмҳои иқтисодӣ) муқими шаҳри Тошканд буда, дар равнақи илму фан ҳисса мегузоранд.

Китобхонаи мактаб ҳам обод аст ва китобдор Шавкат Ҳайдаров гуфт, ки 2000 китоби бадеӣ дар рафҳо чида шудаанд ва аз ин ҷамъ 360 китоби бадеӣ ба забони тоҷикӣ мебошанд. Ҳар ҷамоае, ки ба дабистон китоб тухфа овардааст, зери навиштае дар рафҳои алоҳида чида шудаанд. Аммо аз суҳбатҳо маълум гардид, ки дабистон ба китобҳои бадеии тоҷикӣ бештар ниёз дорад ва дар ҳалли ин мушкил дармондааст.

## МАСҶИД ВА ЗИЁРАТГОҲҲОИ ДЕҲА

Деҳа дар қадим (то инқилоби болшевикӣ) соҳиби чаҳор масҷид будааст, ки ба ҷуз маскани ибодат, нақши мадрасаву мактабро низ иҷро мекарданд. Масҷиди Калон соли 1853 бунёд ёфта, солҳои 70-уми асри гузашта онро аввал чун нонвойхона, китобхона истифода намудаанд ва ҳоло ба Осорхонаи таърихӣ табдил додаанд. Мардум ин мавзеъро Санги Лағжонак меноманд.

Масҷиди дигар Маҳалла ном дошта, соли 1898 сохта шудааст. Солҳои 40-уми асри XX чун анбори хоҷагӣ ва аспхона ба кор меравад. Соли 1949 аз бунёдаш барандохта, чӯбу дигар масолеҳи сохтмониашро дар сохтмони бинои мактаби деҳа истифода мекунанд. Масҷиди Сирзор соли 1903 арзи ҳастӣ намуда, соли 1940 ба далели кӯчонидани мардуми деҳкада ба ҷойи бехатар (замини деҳа мелағжад) вайрон карда мешавад. Аз ҳамон чор масҷиди ободу зебо танҳо яке аз онҳо аз ҳаводиси номатлуби замонаҳои нооромн ибтидои асри XX то замони мо омада расидааст. Ин масҷид бо номи масҷиди Мулло Рӯзӣ маълуму маъруф аст ва ҳоло дар хидмати мардуми маҳаллӣ қарор дорад. Баҳром Чоршанбиев дар ин бора гуфт, ки масҷиди Мулло Рӯзӣ соли 1878 аз ҷониби Рӯзӣ ном муллои аълам ва мударриси мадрасаҳои Шаҳрисабз бунёд ёфтааст. Мулло Рӯзӣ (безурёт будааст ӯ) ҳамаи дороии худро, ки дар пайи меҳнати ҳалоли мударрисӣ ба даст оварда буд, на ба зиёрати Каъба, балки ба сохтани масҷид сарф мекунад. Ин масҷид аз рӯзи бунёдаш ба мардум чун мактаб хидмат кардааст. Аммо солҳои ташкил ёфтани давлати Шӯравӣ масҷид ба муваққат дари худро ба рӯи обидон баставу баъдтар чун анбори ғалладонаи ҷамоат истифода гаштааст. Дар ҳамин замон боми он таъмир мегардад ва аз фурӯ рехтан эмин мемонад. Аз бунёд гардидани масҷиди Мулло Рӯзӣ 145 сол гузаштааст ва хушбахтона, ҳамон шакли азалии он маҳфуз мондааст. Ин масҷид ҳоло чун обидаи таърихӣ аз тарафи ҳукумат таҳти ҳимоят қарор гирифтааст. Дар назди масҷид дарахти чормағзе қад афрохтааст, ки дар тахмини мутахассисон 850 сол умр дорад ва ҳанӯз мева медиҳад.

Бояд гуфт, ки ин деҳкада чанд мазор дорад. Қадимтарини онҳо ба асри VIII-IX мутааллиқ аст. Зиёратгоҳи мазкур Хоҷа Меҳтари (Меҳтарбод) Ялдои Самарқандӣ ном дошта, аз ҳамсафон ва муқаррабони Абӯмуслими Хуросонӣ будааст. Ёрони Абӯмуслим – исёнгари номӣ пас аз кушта шудани саркардаи худ ба ҳар гӯша пароканда мегарданд ва Хоҷа Меҳтари Ялдои Самарқандӣ бо як бародару ду хоҳари худ ба мавзеи Сарчашма расидаву дар канори он (Кофартеппа) ҷой мегирад ва дар омӯзишу парвариши мардуми маҳаллӣ дар илм саҳми беандоза мегузорад. Кофартеппа (дар замони тасаллути дини ислом аз ҷониби пайравонаш он мавзеъ чунин ном гирифтааст) аз қадим макони идгоҳи мардум будааст, ки он ҷо ҷамъ омадаву Меҳргон, Сада ва Наврӯз барин идҳои бостониро ҷашн мегирифтаанд. Хоҷа Меҳтар ҳамин ҷойро ватан ихтиёр мекунад ва мардуми Сарчашма он ҷойро зиёратгоҳи Талаб низ меноманд. Ҳоло он ҷашнҳои мардумӣ дар бар либоси исломӣ пӯшидаанд. Пас аз ҷамъ овардани ҳосил, мӯйсафедон мардумро ба сайри мазори Хоҷа Меҳтар даъват мекунанд ва Меҳргонро васеъ таҷлил менамоянд. Пас аз дуо дар ҳаққи Хоҷа дасторхон густардаву домани шодӣ мегиранд.

Дар деҳа инчунин мазорҳои Сирзор, Биби Зебо, Биби Кабудпӯш (хоҳарони Хоҷа Меҳтари Ялдои Самарқандӣ), Тарнов, Хӯҷа Кӯчқор, Мазори Доғӯлӣ (Мазори Дарун), Чилдухтарон, Чашмаи Зӯлобӣ (Чашмаи Патто), Аҳмади Рӯшонӣ ё Аҳмади Замчӣ, Хӯҷа Таваккал (Мазори Лавандар)... ҳам вуҷуд доранд ва одамон бо эҳтиром ва муҳаббат зиёрат мекунанд.

## МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ДЕҲА

Сарчашма яке аз деҳаҳои бузурги минтақаи кӯҳистони Шаҳрисабз буда, сокинонаш куллан тоҷиконанд. Раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сарчашма» марди фозил ва чашмикордон Фазоил Чоршанбиев буда, чандин сол аст, ки дар ободии деҳа саҳм мегузорад. Назар ба маълумоти ӯ, деҳа 5066 ҳазор аҳолӣ дорад. Дар ҳудуди маҳалла як мактаби миёна, ду муассисаи давлатии таълими томактабӣ ва як шифохона мавҷуд аст.

Ф. Чоршанбиев аз он изҳори хушнудӣ намуд, ки солҳои охир шумори соҳибкорони маҳалла меафзояд ва инфрасохтори он низ беш аз пеш тағйир меёбад. Вай гуфт, ки ҳоло дар деҳа 35 дукони тиҷоратӣ, 4 сартарошхона, 4 дукони оҳангарӣ, 1 нонвойхона, 2 қассобхона, 1 чойхонаи мӯйсафедон ва осиёҳои обиву барқӣ амал мекунанд. Вай ҳамчунин афзуд, ки соли гузашта ба 24 нафар толибгорон ба миқдори 660 миллион сӯм кредитҳои имтиёзнок дода шуд. 38 нафар занону духтарон дар асоси барномаҳои махсус касби дӯзандагиро омӯхтанд. 84 нафар занони эҳтиёҷманд дар «Дафтари занон» сабти ном гаштанд. Аз ҳисоби хазинаи саховат ба 16 нафар шахсони ногиро асбобу анҷоми зарурӣ супорида шуданд. Дар асоси тарҳи махсус ба ду нафар мошини дарздӯзӣ ва таҷҳизоти кафшергарӣ супорида, контракти хониши се донишҷӯ пардохт гардид. Ҳамчунин се бемори мӯҳтоҷ барои табобат ба муассисаҳои тандурустӣ фиристода шуданд.

Мо шоҳиди он будем, ки роҳҳои дохилӣ мумфарш гашта, рафту омад назар ба пештара осон шудааст. Як қисмати роҳи Ҳисорак – Сарчашма, ки душворгузар буд, низ мумфарш ва мурури мошинҳо беҳбуд ёфтааст.

## ДУ БОҒЧАИ ПУР АЗ «ГУЛ» ВА ОСОРХОНАҲО

Деҳа ду муассисаи давлатии таълими томактабӣ дорад, ки таълиму тарбияти кӯдакони маҳалро фаро мегиранд. Куҳантарини ин боғчаҳо кӯдакистони рақами 37 буда, соли 1991 созмон ёфтааст ва айни ҳол барои 156 кӯдак хидмат мекунад. Директори он Хуршед Дӯстмуродов гуфт, ки дар низоми кори боғча забони таълим ӯзбекӣ ва тоҷикӣ дарҷ гардидааст. Дар нақша ҳаст, ки чун бинои нави кӯдакистон барои 120 нафар сохтаву ба истифода дода шавад, ҳамон бахши низоми корро тағйир дода, забони таълимро ба забони таълими мактаб мувофиқ хоҳанд сохт. Боғчаи дигари замонавӣ, ки таҳти рақами 17 фаъолият дорад, ифтихори деҳа аст. Дар ин муассисаи давлатии таълими томактабӣ Абдулло Норов роҳбар аст. Ба гуфтаи роҳбар дар ин ҷо 120 нафар кӯдак бо таълим ва тарбият фаро гирифта шудаанд. А. Норов низ ваъда дод, ки забони таълими кӯдакистонро бо забони таълим дар мактаби деҳа ҳамоҳанг хоҳанд сохт.

Мактаб осорхонаи хуби таърихӣ дорад, ки толори муҷаҳҳаз бо ашёи қадимааш диққати ҳар бинандаро ба худ мекашад. Ин осорхона бо ҷумлаи экспонатҳои ноёб аз таърихи деҳаи Сарчашма ҳикоят мекунад ва гузаштаи пурифтихори мардуми онро ифода месозад. Ин ҷо ашёҳое нигаҳдорӣ мешаванд, ки аз замони қадим боқӣ мондa, аз гӯшаву канори деҳа пайдо кардаанд. Ҳарчанд бинои музей фарсуда аст, хазинае, ки дар он нигаҳдорӣ мешавад, бебаҳост. Роҳбарияти мактаб ният доранд, ки дар оянда хонаи замонавие сохтаву шароити нигаҳдории экспонатҳоро беҳбуд бахшанд.

Осорхонаи дигаре, ки деҳаро ба меҳмонони хориҷӣ муаррифӣ мекунад, дар бинои қадимасохте ҷой гирифтааст ва тавре зикр кардем, он то солҳои 90-уми асри гузашта вазифаи масҷид, нонвойхона ва китобхонаро ба сомон расонидааст. Аммо минбаъд ба ҳоли худаш гузошта шуда, хатари аз байн рафтан таҳдид мекард. Мусаввири номии деҳа Фурқат Абулов бо аҳли оилаи худ дар таъмири бино азм намуд ва осорхонаи таърихиро обод кард. 20 майи соли 2022 маросими рӯнамоии осорхона бо ширкати меҳмонони зиёде аз Шаҳрисабз, Қаршӣ ва Тошканд баргузор гардид. Дар ифтитоҳи он раиси Академияи бадеии Ӯзбекистон Акмал Нур низ иштирок дошт ва аз ибтикори аҳли деҳа хурсанд гашт. Ф.Абулов мегӯяд, ки муроҷиатҳояш ба унвони идороти гуногун дар бораи сабти номи осорхона ва ҷудо кардани штатҳои корӣ бенатиҷа мондааст. Танҳо аз Осорхонаҳои марказии Шаҳрисабз ва Қаршӣ даъват кардаанд, ки чун бахши ин муассисаҳо фаъолият кунад. Аммо Ф. Абулов ба далели он ки эҳтимол ашёи пурқимат ва таърихии Сарчашма аз ин ҷой берун шудаву бозгӯи таърихи қавмҳои дигар хоҳанд гашт, ба ин пешниҳодот ризо нашудааст ва манфиати худро аз манофеи халқу миллат боло нагузоштааст. Назар ба гуфтаи ӯ, дар ин музей зиёдтар аз 4000 адад ашёи таърихӣ дар маърази тамошо гузошта шуда, ба як ҳисоб оинаи равшани таърихи дури ин хокҷо мебошанд. Ф. Абулов таъкид кард, ки ҳанӯз дар дасти мардум экспонатҳои зиёде мавҷуданд ва минбаъд онҳо низ ҷамъоварӣ хоҳанд шуд.

**Матолиби саҳифаро хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё Шариф ХАЛИЛ ба чоп омода кардааст.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 3698. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.